
АЗ ҲАМОИШИ ОБ ТОҶИКИСТОН ЧӢ МАНФИАТ ДОРАД? с.9
ҲУШДОРИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ АЗ ФАСОДКОРӢ с.5
ТАФСИЛОТИ САФАРИ ИЛҲОМ АЛИЕВ БА ДУШАНБЕ с.2

ТОҶИКИСТОН
№14 (1525)
05.04.23
~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~



# ҚАЛЛОБИ ДАР «ФЕЙСБУК»

## Аз ҳушдори ВКД то шарҳи корманди бонк




**ДАР ИН ШУМОРА:**

**ҲУШДОРИ ТОЛИБОН**
Бунёди хилофат чӣ паёмад дорад? с.4

**ФОНОГРАММА**
Вақте дар мусиқӣ самимият намондааст с.3

**МУҲОҶИРАТ**
2 шарти нави гирифтани шаҳрвандии Русия с.7

**КӮЛОБ**
Хонандаи мактаб дар вақти дарс кушта шуд с.11

**РАМАЗОН**
Имону инсофи савдогарон куҷо шуд? с.6

**РАИСОНИ РӮЗНОМАБАДБИН**
Чаро аз Кӯлобу Данғара ибрат намегиранд? с.6

**ПОЙТАХТ**
Стипендияи нави раиси шаҳри Душнаберо кӣ мегирад? с.5

**БОБОҶОН ҒАФУРОВ**
Ҳуҷраи тоҷикии академик дар Москва с.13

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фазлиддин АСОЗОДА,**
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

**Умед СУЛТОНОВ,**
сахифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

## НИГАРОНИИ ЮСУФ РАҲМОН ДАР СУҒД

**Ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистидошта дар қаламрави вилояти Суғд наздики 18% зиёд гардид.**

Ин нукта зимни мулоқоти гурӯҳи кории Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳайати Прокурори генералӣ Юсуф Раҳмон ва котиби Шӯрои амнияти кишвар Насрулло Маҳмудзода бо фаъолон дар шаҳри Конибодом таъкид гардид.

Юсуф Раҳмон таъкид намудааст, ки бештари чунин ҳодисаҳои номатлуб, аз ҷумла шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар шаҳрҳои Конибодому Исфара нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат бештар сабт шудааст.

"Бахусус шаҳри Исфара дар ин масъала яке аз минтақаҳои нигаронкунанда боқӣ мемонад. Аз ҷумла 6 нафар сокинони Исфара ва 2 нафар сокинони шаҳри Конибодом бо тадриси ғайриқонунии динӣ дар хориҷи кишвар ба қайд гирифта шудаанд",- гуфтааст Юсуф Раҳмон.

Ӯ инчунин зикр намудааст, ки давоми соли 2022 мувофиқан дар шаҳри Исфара 8 ва Конибодом 7 ҳодисаҳои худкушӣ рух додааст.

## СЕЛИ АЗИМ ДАР ПАНҶ ТАҲҲОНАВУ ЗАМИНҲОРО ЗЕРИ ОБ КАРД

**Дар натиҷаи боронҳои пуршиддати охир дар деҳаҳои Селга ва пахтакори ҷамоати деҳоти Сайфиддин Кабуди ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон сели азим омада, таҳхонаи биноҳои истиқоматии сокинон, қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои киштро зери об кардааст.**

Бино ба иттилои КҲФ, бо мақсади таъмини бехатарӣ Комиссияи ҳолатҳои фавқулодаи ноҳияи Панҷ 15 хонаводаеро, ки дар селроҳа маскан доштаанд, муваққатан ба ҷойи бехатар интиқол додааст.

Барои роҳандозии корҳои рафъи паёмадҳои офати табиӣ гурӯҳи корӣ бо сарварии муовини раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майор Сулаймон Исозода ба ноҳияи Панҷ рафтааст.

Гуфта мешавад, ки дар минтақаи офат Комиссияи вилоятии ҳолатҳои фавқулода таҳти сарварии раиси вилоят Давлаталӣ Саид фаъолият дорад.

- Қувваҳои лозимӣ барои сари вақт бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ фиристода шудааст. Айни замон корҳои барқарорсозии харобиҳои сел оғоз шудаанд. Комиссияи ҳолатҳои фавқулодаи ноҳияи Панҷ ҳаҷми зарари расидаро муайян мекунад. Дар натиҷаи офат ҳалокати одамон ва харобиҳои дигар ба қайд гирифта нашудааст,- меафзояд манбаъ.

## САФИРУ ВАКИЛ ДУРНАМОИ РУШДИ ЗАБОНИ РУСИРО БАРРАСӢ КАРДАНД

**Миёни сафири Русия дар Тоҷикистон Семён Григорев ва раиси кумитаи МН МО ҶТ оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода мулоқот сурат гирифт.**

Ҷонибҳо дурнамои рушди забони русӣ дар Тоҷикистон ва ҳамкориҳои башардӯстонаро баррасӣ кардаанд. Дар ин бора дафтари матбуоти сафорати Русия дар Тоҷикистон хабар дод.

Дар мулоқот ҷонибҳо ҳамкориҳои дуҷониба дар арсаи башардӯстона, таблиғи забони русӣ, рушди маориф ва лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи фарҳанг таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Бино ба иттилои манбаъ, мусоҳибон муносибатҳои дӯстонаи деринаи Русия ва Тоҷикистонро, ки дар он робитаҳои байнипарлумонӣ ҷойгоҳи хоса доранд, қайд кардаанд.



*Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев*

## ГАРДИШИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОНУ ОЗАРБОЙҶОН МАЪЛУМ ШУД

**Гардиши тиҷорат байни Тоҷикистону Озарбойҷон соли гузашта ба 6,4 млн доллар баробар шуд.**

Ин омор дар Форуми сармоягузории Тоҷикистону Озарбойҷон садо дод. Форуми сармоягузории ду кишвар дар ҳошияи сафари Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон доир гардид. Дар асоси омори гумрукӣ, аз ҳаҷми умумии додугирифт наздики 6 млн доллар ба воридоти коло аз Озарбойҷон ба Тоҷикистон рост омада, зиёда аз 400 ҳазор долларро содирот ташкил медиҳад. Дар форум зикр гардидааст, ки ду кишвар барои бало бурдани нишондиҳандаҳои тиҷорати мутақобила ва транзити коло имконоти бузург доранд.

Ҳамин тариқ, намояндагони 36 ширкати бузурги Озарбойҷон ба чорабинии b2b омаданд.

Ёдовар мешавем, ки сафари давлатии Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев ба Тоҷикистон 5-уми апрел оғоз гардида, дар доираи он музокирот бо ҳамтои тоҷикаш Эмомалӣ Раҳмон ва имзои як қатор санадҳо дар назар мебошад.

## САРИ САБЗ



**Усмоналӣ НУРЗОДА,**
**сархатиби масҷиди ҷомеи шаҳри Бохтар**

**- Ҳар мусулмоне дар моҳи муборак ба бародари мусулмони худ раҳм намекунад ва ҳаққи ӯро мехӯрдад, муртакиби гуноҳ мешавад. Беасос боло бардоштани нархи маҳсулот дар моҳи муборак баракатро аз тиҷорати соҳибкор мепаронад.**

*- Дигар вақтҳо чӣ, домулло? Агар мусулмоне ҳаққи бародари мусулмони худро дар моҳҳои муқаррарӣ хӯрад, муртакиби гуноҳ намешавад?*



**Абдусалом ОДИНАЕВ,**
**парваришгари морҳои заҳрнок**

**- Вақте ки дар озмуни «Андалеб» заҳри морро хӯрдам, таваҷҷуҳи мардум ба ман зиёд шуд. Аз чандин ҷойҳо одамон барои гирифтани маслиҳат ва табобат наздам меомаданд. Дар ин миён оҳиста-оҳиста шумораи морҳо дар хонаи ман зиёд гардиданд.**

*- Умедворем, ки чунин хатои даҳшатнокро бори дигар такрор намекунед, ҷаноб! Коре накунед, ки нафарони соддаву гаправ ҳам мисли шумо заҳри мор хӯранд...*



**Лоиқ РАҶАБОВ,**
**варзишгари маъруфи тоҷик**

**- Рости гап, чанд маротибае, ки ба ширкатҳои ватанӣ муроҷиат кардам, аз кардаам пушаймон шудам. Ба хотири он ки шояд аз нигоҳи буҷаи ширкаташон бошад, маблағи хеле ночиз пешниҳод мекунанд, ки фақат барои 5-6 рӯз мерасад.**

*- Нафароне ҳам ҳастанд, ки моликияташон аз сармояи баъзе ширкатҳо бештар аст ва ба варзиш таваҷҷуҳ доранд. Як бор кӯшиши муроҷиат ба Раҳими Ғармиро накардед?*

# ҚАЛЛОБӢ ДАР

## Аз ҳушдори ВКД то шарҳи корманди бонк

**Чанд рӯз боз дар “Фейсбук" эълоне мечархад, ки гӯё дар арафаи моҳи Рамазон раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба 200 нафар кумаки молӣ медиҳад.**



Дида мешавад, ки ин эълон миёни корбарони “Фейсбук” зиёд паҳн мешавад. Яке ба ин эълон бовар дорад ду дигаре онро “фейк”, яъне таблиғи дурӯғ ва амали дасти қаллобон медонад. Аммо пахши чунин эълонҳо аз номи раиси шаҳри Душанбе бори аввал нест. Вақтҳои охир аз номи раиси шаҳри Душанбе ва дигар ашхоси шинохтаи тоҷик зиёд эълону видео-роликҳои таблиғотӣ марбут ба таъсиси ҳар гуна фондҳои кумакрасону молиявӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мечарханд. Аммо паси ин гуна эълонҳо, ки коршиносон “фейк” меноманд, кӣ меистад? Ҳадаф аз чунин роликҳои тарғиботии дурӯғин чист? Чӣ кор бояд кард, то мардум ба доми қаллобон наафтанд?

### Истифода аз номи шаҳрдорӣ

Эълоне, ки ҳоло дар шабакаҳои иҷтимоӣ мечархад, айнан чунин аст: «Дар ин моҳи мубораки Рамазон 200 лифофа туҳфаҳои пулӣ ба маблағи беш аз ҳазор доллар тақсим мекунам. Моҳи таваллуди худро дар сутуни шарҳҳо нависед.

Мисол: январ

Дар ин ҷо сабти ном шавед https://cutt.ly/b4FxfUU

Ин чорабинӣ то 20.04.2023 эътибор дорад.

Ман дар давоми 24 соат туҳфаҳо мефиристам!».

Ҳарчанд мақомоти расмии пойтахт ин эълонро рад ё тасдиқ накардаанд, аммо сомонаи factcheck.tj онро бо далелҳо исбот кардааст, ки амали авомфиребона аст ва мардум набояд ба он бовар кунанд. Зеро он фейк аст.

Аммо пайгирӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба таблиғи дар муддати кӯтоҳ пули зиёд кор кардан нишон медиҳад, ки қаллобон барои мардумфиребӣ аз ҳар гуна усулҳо истифода мекунанд. Ҳадафи ҳамаи ин кӯшишҳояшон бо роҳи фиреб ба даст овардани маблағи муфт мебошад. Аввал гурӯҳи қаллобон аз номи ширкати “Газпром” дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо шуданд. Гуфта мешавад, ки раёсати ширкати “Газпром” дар якҷоягӣ бо парлумони кишвар бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар барномаи микросармоявиро оғоз кардаанд. Ин барнома барои ба даст овардани фоида тавассути сармоягузорӣ ба бозорҳои фондӣ, асъорӣ ва ғайра нигаронида шудааст. Ҳоло ҳам чунин роликҳои тарғиботӣ, ки ҳадаф қаллобӣ аст, дар шабакаи “Фейсбук” бо чеҳраҳои дар паси кадр ношинос ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ, раиси парлумон Маҳмадтоҳир Зокирзода ва дигар ашхоси муътабар чарх мезананд.

Дар ролики тарғиботӣ аз номи ширкати “Алиф профит” мушоҳида мешавад, ки бонуи ношинос, ҳатто номаш ҳам нест, дар назди хонаи боҳашаммат ва автомобили гаронбаҳо истода, чунин мегӯяд: “Қаблан ман фикр мекардам, ки муаллими оддие мисли ман доир ба сармоягузорӣ чизеро сарфаҳм намеравад. Вале дар муддати ҳамагӣ ду ҳафтаи фаъолият маблағи ҳангуфте ба даст овардам, ки баробари маоши яксолаам дар мактаб аст”.

Дар идома графикҳои молиявӣ ва бинои “Алиф бонк” нишон дода мешавад. Дар зер навишта мешавад: “Дигар ба шумо лозим намеояд, ки саҳар барвақт хеста ба кори дӯстнамедоштагиатон равед! Платформаи давлатии онлайнии “Alif Profit” ҳама шароитро барои шумо фароҳам меоварад. Таваккалҳоятонро (риск) давлат ва “Алиф бонк” ба уҳдаи худ гирифта, ба ҳамаи иштирокчиён пардохти муътадилро кафолат медиҳад”.

Боз бону рӯйи навор пайдо шуда, иброз медорад: “Мо ҳамаи қарзҳоямонро пардохт карда, дар фикри хариди хона барои оилаамон ҳастем. Ҳоло даромади мо 5 ҳазор долларро ташкил медиҳад, ки ин оғози кор аст”. Аммо ин “бону” роҳҳои чӣ гуна ба даст овардани маблағ ва пайваст шудан ба ин фондро намегӯяд.

Ба монанди ин вақтҳои охир дар шабакаҳои иҷтимоӣ таблиғоти зиёд, аз ҷумла “ба ман кор кардани 21 ҳазор сомониро дар 5 соат омӯхтанд” низ чарх мезанад. Муаллифонаш роҳҳои дар муддати кӯтоҳ пули зиёд кор карданро пешниҳод мекунанд. Чунин таблиғоти мардумфиребона ахиран аз номи журналисти телевизион Бахтовари Ҷамшед низ пайдо шуд. Ӯ дар ҳайрат мондааст, ки чӣ гуна ҳар гуна кадрҳоро аз видео шахсони қаллоб гирифтаанд мехоҳанд мардуми тоҷикро бо истифода аз номаш фиреб диҳанд.

**PRESSA.TJ**

***Ҳоло роликҳои тарғиботӣ, ки ҳадаф қаллобӣ аст, дар шабакаи “Фейсбук” бо чеҳраҳои раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ, раиси парлумон Маҳмадтоҳир Зокирзода ва дигар ашхоси муътабар чарх мезананд.***

### Ҳушдори бонкҳо ба мизоҷон

Зиёд шудани қаллобон, ки бо ҳар роҳ мехоҳанд ақли мардумро дузданд, бонкҳоро сахт нигарон кардааст. Ҳоло дар ростои авомфиребии қаллобон, мушоҳида менамоем, ки бонкҳо ба хотири эмин мондан аз ҳар гуна хавфҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ постҳои огоҳкунанда мегузоранд. Ташкилоти молиявии “Ҳумо” таҳти унвони “Аз қаллобон эҳтиёт бошед!” дар мавриди истифода аз корти бонкӣ менависад, ки “Маълумоти корти худро махфӣ нигоҳ доред: муҳлати корт, пин-код ва рақами верификатсионии (CVV) корт”. Дар мавриди интиқоли маблағҳо бошад, бонк ба мизоҷон ҳушдор медиҳад, ки “вақти интиқол намудани маблағ рамзи тасдиккунандаи онро ба шахсони сеюм нарасонед”. Ҳамин гуна огоҳиҳоро масъулини “Алиф Бонк” ва дигар бонкҳои кишвар, ки вақтҳои охир аз номашон фондҳои қалбакӣ ташкил шудаанд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузоранд.

### Милитсия чӣ мегӯяд?

Мақомоти милитсияи кишвар низ чанд ҷинояти марбут ба тасарруфи маблағи пулӣ аз кортҳои бонкиро ошкор кардаанд. Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон мегӯяд, ки вақтҳои охир аз ҷониби шахсони номаълум теъдоди содир намудани ҷиноятҳои қаллобӣ бо роҳи тасарруфи маблағҳои пулӣ аз кортҳои бонкии ҶСП «Душанбе Сити Бонк» зиёд шудааст. Вазорат шаҳрвандонро огоҳ менамояд, ки сабаби тасарруф гардидани маблағҳои пулӣ - ин нодуруст истифода намудани кортҳои бонкӣ аз ҷониби мизоҷон ва ба шахсони ношинос пешниҳод кардани рақами корти бонкӣ ва рамзи махфӣ мебошад.

«Бинобар ин, аз шаҳрвандон ва мизоҷони бонкҳо хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати наафтодан ба доми қаллобон аз додани рақамҳои корти бонкӣ ва рамзи махфӣ ба шахсони ношинос ва тасодуфӣ худдорӣ намоянд»,- гуфта мешавад дар иттилоияи ВКД.

Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе ҳам чанде қабл аз бездоштани сокини шаҳри Душанбе Бехрӯзи Субҳиддин, ки 22 сол дораду дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба фиреб машғул аст, хабар дода буд.

**(Давомаш дар саҳ.5)**

*Мавқеъ*



Амирбек МӮСОЕВ

## ФОНОРАГАММА

### Ё вақте дар мусиқӣ самимият нест...

**Дар арафаи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ чандин барномаҳои консертиро тариқи телевизионҳои гуногун тамошо ва мулоҳиза кардам. Бовар кунед, ҳама фонограмма!!!**

Вақте ки солҳои 70-ум ба олами мусиқӣ ворид шудам, хело хуб дар ёдам ҳаст, ки самимияти навозандагӣ ва сарояндагӣ бараъло эҳсос карда мешуд. Тамоми барномаҳои консертӣ, ҳунарнамоии ҳар як ҳунарманди филармония, дастаҳои ҳунарии шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо бо тарзи зинда пешкаш карда мешуд. Барои мисол, Ҳунармандони бузурги кишвараамон, сарояндагони соҳибмактаб Акашариф Ҷӯраев, Зафар Нозим, Одина Ҳошим, Ҷӯрабек Муродов, Абдулло Назриев, Боймуҳаммад Ниёзов, Маъруфхуҷа Баҳодуров, Дӯстмурод Алиев, Нигина Раупова, Мастона Эргашева, Давлатманд Холов, Сураё Қосимова, Бобоҷон Азизов, Саидқул Билолов, Панҷшанбе Палаев, Нукра Раҳматова, овозхонони машҳури оркестри эстрадии "Гулшан" Лайло Шарипова, Тоҷиддин Муҳиддинов, Муқаддас Набиева, Хурмо Ширинова, Баҳодур Неъматов, Умар Зиёев, Карокатулло Қурбонов ва даҳҳо-даҳҳо ҳунармандони шинохта ҳисоботҳои эҷодии худро пеш аз ҳама дар назди шунаванда ва бинанда бо овози зинда, навозиши зинда пешкаш мекарданд.

Як анъанаи бузурге буд, ки солҳои 60-70 ва 80 ин ҳунармандони маъруф алалхусус дар ҷашни Наврӯзи оламафрӯз ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар карда мешуданд.

Бо ин суханҳо гуфтаниям, ки агар имрӯза ҳунармандони мо, сарояндаҳои ҷавони сершумори мо бо тарзи зинда ҳунарнамоӣ кунанд, фарҳангу санъати мо боз ҳам ба қуллаҳои баланд ноил мегардад.

Барои ҳамин, дар олами мусиқии имрӯза берун аз Тоҷикистон ягон сарояндаи мо муаррифгарии бузурге надорад. Барои чӣ ҳунармандони Аврупо, Ҳиндустон, Туркия, Шарқ, албатта асилҳояш, бузург гаштанд? Чунки ҳамеша бо овози зинда ҳунарнамоӣ мекунанд.

▸▸ *Бонкдорӣ*

# ШИРКАТИ ҲОКИМ ХОЛИҚЗОДА ДАР АНҶУМАНИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА РУШДИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЛОНДОН

**Бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ ва дастгирии Ҳукумати мамлакат 28-29-уми марти соли 2023 дар шаҳри Лондони Британияи Кабир Анҷумани сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он масъулини вазоратҳои соҳавӣ ва низоми бонкии кишвар иштирок намуданд.**



Мақсади асосии баргузор намудани Анҷумани зикргардида аз таҳкиму густариши ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ба воситаи ташкили муколамаи озод байни мақомоти давлатӣ, низоми бонкӣ ва соҳибкорону сармоягузорон ва дар ин замина дарёфти роҳҳои нави амалӣ дар самти муносибатҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои минбаъдаи муштарак иборат буд.

Дар ҳошияи анҷуман Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо рӯнамо оид ба имкониятҳои сармоягузорӣ, инчунин раванди рақамикунонӣ дар низоми бонкии кишвар дар мавзуҳои "Рақамикунонии бахши молия ва ҷорикунии технологияҳои нави молиявӣ дар Тоҷикистон" ва "Имкониятҳои сармоягузорӣ ҳамчун омили рушди Тоҷикистон" баромад намуд.

Номбурда аз ҷумла қайд кард, ки имрӯз гузариш ба рақамикунонӣ яке аз ҷанбаҳои муҳими баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва тавсеаи фаъолияти бахши хусусӣ ба шумор рафта, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгар дар рушди технологияҳои рақамии молиявии кишвар нақши махсусро иҷро мекунад.

Ҳамзамон, таъкид намуд, ки бо назардошти имкониятҳои сармоягузорӣ ва пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ барои сармоягузориҳои хориҷӣ, аз сармоядорони Британияи Кабир даъват ба амал оварда мешавад, ки ҷиҳати оғоз намудани сармоягузориҳои эҳтимолӣ дар оянда, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯзанд.

Қобили қайд аст, ки бо мақсади роҳандозии ҳамкорӣ ва дарёфти имкониятҳои ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ роҳбарони КВД БА ҶТ "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон", ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон", ҶСП "Спитамен Бонк" ва ҶСП Бонки "Арванд" низ дар чорабинии зикргардида ширкат варзиданд.

Илова бар ин, дар ҷараёни вохӯриҳо бо бонкҳои ICBC Standard Bank Plc ва Citibank UK ҳайати низоми бонкии кишвар дар мавриди ҳарчи зудтар вусъат додани муносибатҳои муросилотӣ байни бонкҳои тиҷоратии тарафҳо изҳори омодагӣ намуданд.

Дар доираи Анҷумани мазкур масъулини КВД БА ҶТ "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ва ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" бо ширкати International Compliance Association (ICA) Ёддошти тафоҳум барои баланд бардоштани тахассуси комплеанси кормандон ва ҶСП Бонки "Арванд" бо Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) барои ҷалби кумаки техникӣ созишнома ба имзо расониданд.

Қобили қайд аст, ки бо назардошти вазъи имрӯзаи иқтисодии ҷаҳон ва минтақа баргузор намудани Анҷумани сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон дар Лондон иқдоми саривақтӣ буда, ҷиҳати мустаҳкам намудан ва тақвият бахшидани ҳамкориҳо байни низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир заминаи устувор мегузорад.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

▸▸ *Дунё*

# ХИЛОФАТИ ТОЛИБОН

## Ҳушдори Ҳайбатулло ба ҷомеаи ҷаҳон

**Мавлавӣ Ҳайбатулло Охунд, роҳбари Толибон чанде пеш зимни суханронӣ дар назди уламои ислом гуфт, ки "ҷиҳоди ҷангҷӯёнаш танҳо дар қаламрави Афғонистон хотима нахоҳад ёфт ва истиқрори шариат дар Афғонистон танҳо марҳалаи аввали ҷиҳоди муваффақи Толибон аст". Ба гуфтаи вай, дар оянда Толибон ва уламои афғон муваззафанд, ки тамоми ҷаҳонро ба сӯи мудирияти шариат раҳнамоӣ кунанд.**

Изҳороти амири Толибон иддаои бисёре аз сиёсатмадорон, дипломатҳо ва коршиносонро, ки тӯли чанд сол афкори ҷомеаро итминон медоданд "Толибон танҳо Афғонистонро "мехоҳанд", ба ҳамсояҳои худ, махсусан кишварҳои Осиёи Марказӣ чашм ало намекунанд" ва гӯё "ҳадафҳои ҷаҳонии ҷиҳодӣ надоранд", ботил сохт.

Нуктаи дигари муҳим дар суханронии Мавлавӣ Ҳайбатулло ин инкори таъсиси "ҳукумати фарогир" дар Афғонистон буд. Мавлавӣ Ҳайбатулло возеҳ гуфт, ки ҳамаи ин умедҳо беҳудаанд.

Амири Толибон ҳамчунин модели идораи Афғонистонро муаррифӣ кард, ки қасд дорад эҷод кунад.

Ба гуфтаи ӯ, "шариати ҳақиқӣ" танҳо бо гирди ҳам овардани уламои дин ва "ҳокимон", яъне маъмурони Толибон амалӣ мешавад: "Ҳокимияти шаръӣ танҳо аз ду гурӯҳ иборат хоҳад буд. Якум, ҳокимон, ки аллакай дар қудрат ҳастанд ва дувум, олимон".

Ба гуфтаи ӯ, "олимон бояд дар додгоҳҳо, вазоратхонаҳо, маъмурияти вилояту навоҳӣ ҳузур дошта бошанд". Ӯ гуфт, ки бидуни иштироки уламо Толибон наметавонанд дар Афғонистон "низоми исломӣ"-и комилро ба вуҷуд оранд.

Коршиносон хитоби ахири амири Толибонро паёме ба вазирони шуҳратпарасти ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, сарпарасти Вазорати дифоъ Мулло Яъқуб ва сарпарасти Вазорати умури дохила Сироҷиддин Ҳаққонӣ арзёбӣ карданд, ки саъй дорад дар паси парда бо шарикони хориҷӣ музокира ва аз баъзе тасмимҳои Мавлавӣ Ҳайбатулло интиқод кунад.

Бояд гуфт, ки роҳбари Толибон пас аз якуним соли ишғоли қудрат дар Афғонистон то ҳол чеҳраи худро ба ҷомеа ошкоро нишон надодааст ва хеле кам изҳори назар мекунад. Ин изҳороти ӯ аз камтарин ошкорбаёниҳояш дониста мешавад, вале он ҳам, бар хилофи интизори аксар коршиносон, суолҳоро бештар кард, то посухе ба суолҳои пешин дода бошад.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳамакнун вазъ ва ояндаи Афғонистон ва суботи минтақа боз ҳам норӯшан боқӣ хоҳад монд.



▸▸ *Хабар*

## ТАҚВИЯТИ АРТИШИ ТОЛИБОН БА 200 ҲАЗОР НАФАР

**Теъдоди неруҳои мусаллаҳи Афғонистон, ки ба ҷунбиши тундрави Толибон* тобеанд, ба 200 ҳазор нафар расонида мешавад. Дар ин бора шабакаи телевизионии TOLOnews хабар медиҳад.**

"Мо тасмим гирифтем, ки теъдоди артишро дар соли оянда аз 150 ҳазор ба 170 ҳазор ва тадриҷан ба 200 ҳазор ҳарбиён расонем",- гуфтааст Қорӣ Фасеҳуддин, раиси ситоди артиши Толибон.

Дар замони ғасби қудрат дар Афғонистон дар нимаи моҳи августи соли 2021 теъдоди ҷангҷӯёни Толибон 100 ҳазор нафар тахмин зада мешуд.

Моҳи феврали соли 2022 намояндагони Толибон эълон доштанд, ки теъдоди ҷанҷӯёни худро ба 150 ҳазор нафар афзоиш медиҳанд.

▸▸ *Огоҳонӣ*

# ҲУШДОРИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ

## Корманди Марказ ҳам бошанд, бовар накунед!

**Маркази миллии тестӣ (ММТ) аз аҳолӣ даъват кардааст, то ба миёнаравҳо ё қаллобоне, ки бо мақсади ба даст овардани маблағи муфт ваъдаи дохил кардани довталабонро ба донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳои кишвар медиҳанд, бовар накунанд.**




Ин ниҳод бо нашри як муроҷиатномаи махсус гуфтааст, ки “натиҷаҳои кори қариб даҳсолаи Марказ собит сохтааст, ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз ба натиҷаҳои аз имтиҳонҳо бадастовардаи довталабон ягон таъсир расонида наметавонад”.

ММТ гуфтааст, ки бо вуҷуди ин, эҳтимоли рух додани “амалҳои ғаразноку қаллобона ва авомфиребию ваъдаҳои бардурӯғ” аз ҷониби баъзе шахсон чиҳати дохил кардани довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии чумҳурӣ мавҷуд аст.

“Ҳаргиз набояд ба гапи қаллобоне, ки бо мақсади ба даст овардани маблағи муфт баъзе довталабон ва падару модари онҳоро фиреб дода, ба онҳо ваъдаи кумак карданро барои дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкада ва коллеҷҳо медиҳанд, фирефта шуд”,- омадааст дар иттилоияи марказ.

Ин ниҳод барои пешгирӣ аз амалҳои қаллобии марбут ба имтиҳонҳо ва паҳн шудани фикру андешаи беасос нисбат ба фаъолияти ММТ аз сокинон даъват кардааст, ки “ба қаллобоне, ки бо ниятҳои нопок шумо ва ё ҳар каси дигареро бовар кунонданӣ мешаванд... ҳатто агар онҳо, воқеан, корманди Марказ ҳам бошанд, ҳаргиз бовар накунед! Чунин қавлу ваъдаҳо ба ҷуз фиреби маҳз дигар чизе буда наметавонанд!”.

Масъулини ин марказ аз довталабон ва ҳамаи алоқамандони низоми имтиҳонсупорӣ даъват кардаанд, ки барои шаффофу одилона баргузор гаштани имтиҳонҳо саҳм гузоранд ва дар ҳолати дучор шудан бо шахсоне, ки ба амалҳои номатлуб даст мезананд ё барои ин мақсад мекӯшанд, бетараф набошанд ва бо телефонҳои 224-53-68 ё 224-53-66 ба марказ мурочиат кунанд ва онҳо тамоми тадбирҳои заруриро меандешанд.

▸▸ *Иқдом*

# СТИПЕНДИЯИ НАВИ РАИСИ ДУШАНБЕ

## Киҳо метавонанд онро соҳиб шаванд?

**Стипендияи раиси шаҳри Душанбе, ки қаблан барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбии пойтахт буд, васеътар шуд. Дар ин бора қарори Рустами Эмомалӣ ба тасвиб расид.**




Тибқи ин қарор, стипендияи ҷадид барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёну унвончӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, олимон ва муҳаққиқони ҷавони муассисаҳои илмиву тадқиқотии ҳудуди шаҳри Душанбе пешбинӣ шудааст.

Қарори қаблӣ дар бораи стипендияи раиси Душанбе танҳо ба хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбии пойтахт дахл дошт, ки аз эътибор соқит шуд.


Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ҳамоҳангсози амалигардонии стипендияҳои раиси пойтахт муқаррар карда шудааст.

Сарраёсати молия муваззаф шудаст, ки аз ҳисоби фонди захиравии раиси шаҳри Душанбе барои пардохти ҳамасолаи стипендияҳои мазкур маблағи заруриро ба бахши муҳосиботи дастгоҳи раис ҷудо намояд.

Қарори ҷадид дар мавриди стипендия барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе пешниҳод гардидааст.

▸▸ *Ҷашнвора*

# РӮЗИ ПОЙТАХТ ЧӢ ГУНА ТАҶЛИЛ МЕШАВАД?




**Рӯзи пойтахти Тоҷикистон, ки ҳамасола рӯзи шанбеи сеюми моҳи апрел ҷашн гирифта мешавад, имсол ба 15-уми апрел рост меояд.**

Аз шаҳрдорӣ хабар доданд, ки консерти асосӣ ба ин муносибат дар толори “Кохи Суруш” соати 14:00 баргузор мешавад. Дар ҳамин ҷо то оғози консерт маросими тақдими ҷоиза ва мукофотпулиҳо ба ғолибони озмунҳои шаҳрӣ доир мегардад.

Дар барномаи консертӣ ҳунарнамоии сарояндагони маъруф ва дастаҳои рақсӣ, инчунин овозхонҳои писандидаи эстрада пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин дар Рӯзи пойтахт баргузории маъракаҳои тозакунии шаҳр, чорабиниҳои оммавии варзишӣ ва фарҳангӣ дар боғҳо ва ҷашнвораи мактабҳои мусиқии кӯдакон ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҷумла, соати 8-и субҳи рӯзи 15-уми апрел дар Душанбе ниммарафони 13-ум оғоз мегардад. Дар он иштироки варзишгарон аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, инчунин меҳмонони хориҷӣ аз Қазоқистон, Ӯзбекистон, Кения, Эфиопия ва дигар давлатҳо дар назар аст.

“Дар робита ба баргузории ниммарафон аз соати 8 қисмате аз роҳҳои хиёбони Ҳофизи Шерозӣ (роҳи бетонӣ) то гардиш ба Чорбоғ, хиёбони Рӯдакӣ то майдони Дӯстӣ (то муҷассамаи Исмоили Сомонӣ) баста мешаванд”. Марафон то соати 11 идома меёбад. Аз ронандагон дархост мешавад, ки дар ин вақт аз роҳҳои ҳамшафат истифода баранд” ,- гуфтанд дар шаҳрдорӣ.

Ниммарафон дар Душанбе аз соли 2010 баргузор мешавад. Соли 2013 Ниммарафони Душанбе ба тақвими бозиҳои Ассотсиатсияи байналмилалии марафонҳо ва давидан ба масофаҳои дароз дохил шуд. Масофаи он 21 километру 97,5 метрро ташкил медиҳад.

Ба ғолибони ниммарафон низ дар консерти зикршуда дар “Кохи Суруш” ҷоизаву мукофотпулиҳо тақдим мешаванд.

# ҚАЛЛОБӢ ДАР «ФЕЙСБУК»

**(Аввалаш дар саҳ.3)**

Номбурда дар шабакаҳои ичтимоӣ саҳифаҳои қалбакӣ (фейк) бо номҳои «Солиҳин-ТВ» ва «Муҳаммад-ТВ» фаъол намуда, бо эълонҳои дурӯғ, ки гӯё ба афроди ниёзманд ёрӣ мерасонад, шаҳрвандонро ба доми фиребаш мекашидааст. Барои расонидани кумак ва дар рӯйхати ниёзмандон шомил кардан аз онҳо маблағҳои гуногун талаб намуда, пас аз гирифтани пул дигар ба зангҳо ҷавоб надода, рақамҳои телефонашро хомӯш мекардааст. Аз ҷониби кормандони милитсия беш аз 20 ҳолати бо чунин шакл фиреб додан муайян шудааст.

### Аз хавф то шарҳи мутахассиси бонк

Дар мавриди чӣ гуна эмин мондан аз ҳар гуна хавфҳо дар шабакаҳои ичтимоӣ Шуҳрат Холиқов, мутахассиси бонк чунин мегӯяд:

- Ҳоло баъзан тавассути ҳар гуна сайтҳо ва шабакаҳои ичтимоӣ қаллобоне пайдо шудаанд, ки аз мизоҷ маълумот мегиранд. Масалан, мегӯянд, ки рақами кортро сурат гирифта, бароямон фиристанд. Боз CVV код ва коди тавассути смс ба телефон омадаро пурсида мегиранд. Дар ин ҳолат мизоҷон набояд ба гапи чунин қаллобон дода шаванд. Инчунин, мизоҷ набояд рақами махфиро бо корт якҷоя нигоҳ дорад. Ба хизматрасонии смс - паём пайваст бошад, то аз амалиётҳои гузаронидашуда бохабар бошад. Вақте ки корт гум мешавад, тавассути смс - паём метавонад амалиёти корташро қатъ намояд. Ё тавассути маркази тамоси бонк амалиёти корташро боздорад. Баъдан метавонад ба бонк омада, корт ё рамзи махфиро барқарор намояд.

Ба андешаи мутахассисони бонк, ҳоло қаллобон барои ба даст овардани маблағи муфт усулҳои зиёдеро истифода мебаранд. Аммо мардум ҳеҷ гоҳ ба пайванди эълонҳои таблиғотӣ клик накунанд. Бисёре аз хакерҳо барои ҷалби истеъмолкунандагон ва дуздии маълумоти онҳо ҳамлаҳои фишингиро истифода мебаранд. Амалиёти корти кредитии худро ҳар рӯз тафтиш кунанд ва харочотро бодиққат омӯзанд. Ҳамчунин, ба пайванд ва саҳифаи шахсони ношинос ва шубҳанок дар “Ватсап”, “Вайбер”, “Телеграм” ва дигар шабакаҳои ичтимоӣ ворид нашаванд. Ҳамчунин, дорандагони кортҳои бонкӣ бояд дар хотир дошта бошанд, ки маълумот дар бораи корти худро аз ҷумла ба хешовандон, шиносҳо ва шахсоне, ки барои кумак ташаббус нишон додаанд, ифшо кардан мумкин нест.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

*Ду назар*

# ИМОНУ ИНСОФИ ТОҶИРИ МУСАЛМОН

**Нархи 1 кг гӯшти говро яку якбора ба хотири моҳи шарифи Рамазон тоҷирони мо аз 62-65 сомонӣ ба 72-75 сомонӣ боло бардоштанд.**

На танҳо гӯшти гов, балки нархи дигар масолеҳи ниёзи мардум низ ба таври сунъӣ боло бурда шудааст. Ин ҳам дар кишваре, ки 99%-и аҳолиаш мусулмонанд. Аз ҳама аламовар он аст, ки чунин корҳо сол ба сол такрор мешаванду ҳеҷ тағйироте дида намешавад. Фурӯшандаи "девтинат" фурӯхта истодаву харидори "гаранг" харида истодааст. Пас сабаб дар чист? Дар паст будани ҳисси инсонии мо? Ё пастии одаму одамгарии мо? Ё кам будани ақлу идроки мо? Ё нофаҳмиву кучфаҳмиву заъф доштани имони мо?...

Пас аз худамонро мусалмон гуфтан ва дар масҷидҳо сар ба замин кӯфтанҳоямон самар надорад...

**Ҳ. ҲОФИЗ**



# БА САВДОГАРОН РАҲМ КУНЕМ...

**Чанд рӯз пеш, қарибиҳои шом барои харидани меваҷот ба бозори "Панҷшанбе" рафтам. Ҷавонмардеро, ки аз мошинаш чанд навъи себро гирифта, дохили мевабозор даромада истода буд, пурсидам:**

- Килои себи сурх чанд сомонӣ?

Ӯ ҷавоб дод:

- Мо кам-кам намефурӯшем, якбора 20-30 кг мефурӯшем.

Ман, ки одами кунҷков ҳастам, боз пурсидам:

- Аслан барои савдогарони Хуҷанд чанд сомонӣ килои чунин себро мефурӯшед?

Ӯ гуфт:

- 5 сомонӣ, апаҷон.

Сипас камтар дарунтари бозор ворид шудам ва аз зани миёнсоле, ки хеле хастаҳол менамуд, нархи айнан чунин навъи себро пурсидам ва ӯ гуфт:

- 7 сомонӣ.

Акнун фикр бояд кунем, ки ҳамон зан дар як рӯз чанд кило себ мефурӯшад? 20 кг, 30 ё 40 кг? Шояд шавҳар надорад ё шавҳари танбалу бекорчие дорад ва ё маоши шавҳараш 600 - 700 сомонӣ бошад... Сарватманд рафта, дар сардиҳо хунук хӯрдаву дар гармиҳо зери офтоб сӯхта, тамоми рӯз дар бозор наменишинад. Дар як рӯз чанд сомонӣ кор мекунад? Ин як себфурӯш буд. Қариб ҳамаи маҳсулотро фурӯшандаҳои бозор мехаранду мефурӯшанд. Онҳо барои ҷояшон пул медиҳанд. Агар дӯконе дошта бошанд, ҷопулӣ, андоз ва боз чӣ қадар мушкилоти дигар доранд, ки бо пул иртибот дорад. Ман як занеро мешиносам, ки тармева мефурӯшад. Соати 2-3-и шаб бозор меравад ва меваҷот мехарад ва бо ҳамин тамоми рӯз дар бозор нишаста, онро мефурӯшад.

Гӯштфурӯш бояд тармеваву нону сабзавоту равған... бихарад. Равғанфурӯш бояд гӯшту орду биринҷ... бихарад. Тармевафурӯш ҳам бояд барои ғизои аҳли байташ маҳсулот бихарад. Ҳамон себфурӯш ҳам харочоташро ба назар гирифта, нарх мемонад ва мефурӯшад. Гӯштфурӯш ҳам ҳамчунин.

Мо мушкилоти аз чашмамон пинҳонро намебинему дар моҳи муборак ин мардуми меҳнатқаринро дуои бад мекунем. Одами фиребгар дар ҳама ҷо вуҷуд дорад. Миёни муаллим ҳам ҳаст, байни духтурон низ, аз дохили рӯзноманигорон ҳам мебароянду аз радифи мансабдорон низ...

Аммо ин маънои онро надорад, ки ҳамаашон беинсофанд. Ҳамаи савдогаронро беинсоф гуфтанамон чандон дуруст нест...

**Фарзонаи САИДУМРОН**

*Донистан хуб аст!*

# ҚОНУНҲОИ АҶИБТАРИН ДАР ҶАҲОН...

1. Донишҷӯе, ки аз 1 то 15 маротиба дар имтиҳонҳо фиреб мекунад, зиндонӣ мешавад. *(Бангладеш)*

2. Ба ашхоси то 18-сола нӯшидани пепси манъ аст. *(Норвегия)*

3. Агар 27 сол дошта бошӣ ва дар ҷое кор накарда бошӣ, бояд оҷил ба хизмати ҳарбӣ биравӣ. *(Кореяи Шимолӣ)*

4. Синну сол барои иҷозати сигоркашӣ мувофиқи қонун аз 15-солагӣ оғоз мешавад. *(Мексика)*

5. Харидани мошини амрикоӣ мамнуъ аст ва барои он зиндонӣ мешавед. *(Кореяи Шимолӣ)*

6. Шаҳодатномаи ронандагиро аз синни 14-солагӣ гирифтан мумкин аст. *(Олмон)*

7. Тамошои футбол, баскетбол ва филмҳо манъ аст. *(Бирма)*

8. Фирор аз маҳбас ҷиноятест, ки қонун ҷазои дуюмбора намедиҳад. *(Олмон ва Дания)*

9. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ гиря кардан манъ аст. *(Колумбия)*

10. Агар мӯи худро ранг кардан хоҳед, бояд аз Вазорати корҳои дохилӣ иҷозат гиред. *(Кореяи Шимолӣ)*

11. Пӯшидани шими ҷинси кабуд манъ аст, зеро онҳо рамзи империализми Амрико ҳастанд. *(Кореяи Шимолӣ)*

12. Зодрӯзи занатро фаромӯш накун. *(Ҷазираҳои Самоа)*

13. Дар макотиби олӣ ва миёна имтиҳони ниҳоӣ (имтиҳони хатм) вуҷуд надорад. *(Шветсия)*

14. Шумо метавонед қонуни нав пешниҳод кунед. *(Швейтсария)*

15. Шахсоне, ки дар роҳ сигнал медиҳанд, ба телефон нигоҳ карда гап мезананд, қонуншиканӣ дониста мешавад. *(Дания)*

16. Вазни зиёдатӣ ҷиноятест, ки тибқи қонун ҷазо дода мешавад. *(Ҷопон)*

17. Вақте ки ба одами бегона табассум мекунӣ, зиндонӣ мешавӣ. *(Венесуэла)*

18. Мактабҳо ҳамагӣ 5 соат кор мекунанд, шумо метавонед ҳар вақт мактабро тарк кунед. *(Хорватия)*

19. Шумо мушро кушта наметавонед, агар аз ҳукумат иҷозат напурсед. *(Ҳиндустон)*

20. Истифодаи интернет манъ аст, ба истиснои гирифтани иҷозат аз тамоми вазоратхонаҳо. *(Кореяи Шимолӣ)*

21. Тамошои телевизор баъд аз соати 12-и шаб манъ аст. *(Камерун)*

22. Писаратро "Муҳаммад, Абдуллоҳ ё Аҳмад" номгузорӣ кардан манъ аст. *(Бирма)*

**Таҳияи Хусрав БОБОБЕКОВ**

*Муқоиса*

# РАИСОНИ РӮЗНОМАБАДБИН

*Чаро аз Кӯлобу Данғара ибрат намегиред?*

**Боре ишора карда будем, ки аксар раисони шаҳру навоҳӣ, роҳбарони вазорату кумитаҳо, агентиҳо на танҳо рӯзнома намехонанд, балки журналистонро чашми дидан, ба нашрияҳояшон таваҷҷуҳу назари нек надоранд.**




Вилояти Суғдро намедонам, вале ба андешаи инҷониб, дар 25 шаҳру навоҳии вилояти Хатлон ба мисли Назарзода Бахтиёр Худоёр - раиси шаҳри Кӯлоб Рӯзи матбуотро хотирмон, диданӣ нагузарониданд. Ба ин ҷашн на танҳо журналистони маҳаллӣ, инчунин намояндагони васоити ахбори ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, вазоратҳо дар минтақа даъватӣ буданд. 36 нафар рӯзноманигорон барои ғолибият дар озмуни эҷодӣ соҳиби мукофотпулиҳо, 16 нафар сазовори сипосномаҳо гардиданд.

Раиси ноҳияи Данғара Раҳмон Исомиддин Хайриддин ҳам ба матбуоти маҳаллиаш эҳтиром гузошт. Рӯзи 10-уми марти соли равон ӯ ба идораи рӯзномаи «Симои Данғара» омада, бо аҳли кормандон ва фаъолони ҷамоатии он суҳбати гарм орост, онҳоро табрик гуфта, бо туҳфаҳо қадрдонӣ намуд. Раис ваъда дод, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлол редаксия соҳиби бинои хушсохт ва матбааи замонавӣ хоҳад шуд.

Чунин андешае ба сарам омад, ки чаро дигар раисон аз Назарзода ва Исломиддин Хайриддин ибрат намегиранд?

Агар дар пойтахти кишвар Рӯзи матбуот бо шукуҳ гузарад, дар музофот ин ҷашнро дар сатҳи лозимӣ, даркорӣ не, балки «ради галочка» мегузаронанд.

Боз як андешаи дигар. Вақте матбуот мегӯем, пеши назар танҳо ва танҳо рӯзномаву маҷалла ҷилвагар мешавад. На радио ва на телевизион. Решаи калимаи матбуот матбаа аст, на чизи дигар. Вақте Рӯзи матбуоти тоҷикро аз 11-уми марти соли 1912 - нашри нахустин шумораи «Бухорои шариф» таҷлил менамоем, пас он танҳо хоси кормандони рӯзномаю маҷаллаҳост. Охир, радио, телевизион рӯзҳои касбии худро доранд-ку! Пас чаро дар Рӯзи матбуот ҳама ифтихорномаву ҷоизаву унвонҳо ба кормандони радиову телевизион дода мешавад? Боре шунидаед ё дидаед, ки ин воситаҳои ахбори омма журналистони матбуотро ба ҷашнҳояшон даъват карда бошанд?

**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**рӯзноманигор, ноҳияи Муъминобод**

*Китоби нав*

# “ТЕҒИ ПУРАСРОР”-И ҲАБИБУЛЛО ЁРОВ




**Романи нахустини журналист ва нависандаи шинохта, барандаи Ҷоизаи ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Ҳабибулло Ёров таҳти унвони “Теғи пурасрор” тариқи нашриёти “Адиб” бо теъдоди 100 нусха ба нашр расид. Ба асар нависанда Истад Қосимзода пешгуфтор навиштааст.**

Дар асар баъзе лаҳзаҳои ҳаёти мардуми тоҷик дар даврахои ниҳоят сангини ҷумҳурисозӣ, махсусан давраи таъқибу “Тройка”-и муллоҳо, айёми Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, ворид гардидани Артиши Шӯравӣ ба хоки Афғонистон, ҷонбозиҳои ҳанӯз зиндагинодидаи миллатҳои гуногуни Иттиҳоди Шӯравӣ баҳри иҷрои супориши ватан, нишонаҳои аввалини хиёнати мансабдорони олирутбаи СССР барои аз байн бурдани ин Иттиҳоди абаркудрат инъикос ёфтааст. Тамоми ҳодисаву воқеаҳо бо як хати сюжет бандубаст гардида, қаҳрамони асосии асар Сайёд аз айёми кӯдакию наврасияш то ба давраи камолот хонандаро аз худ дур шудан намемонад. Хонанда дар роман ба қиссаи ширину ҷонгудози ишқу муҳаббати ҳақиқӣ низ рӯ ба рӯ меояд.

▸▸ *Кишоварзӣ*

# ПИЁЗ АРЗОН МЕШАВАД?

## Ҳосилғундорӣ дар Хатлон оғоз шуд



**Ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон ба ҷамъ кардани ҳосили пиёзи барвақтӣ оғоз намудаанд, вале маълум нест, ки ба бозор баромадани пиёзи барвақтӣ нархи ин навъи маҳсулотро арзон мекунад ё не.**

Дар пасманзари афзоиши бесобиқаи нархи пиёз дар бозорҳои кишвар дар чанд ноҳияи вилояти Хатлон ҷамъоварии пиёзи барвақтӣ оғоз шуд. Хадамоти матбуоти вилояти Хатлон бо нашри чанд акс хабар дод, ки ноҳияи Ҷайҳун аз аввалинҳо шуда ба ҷамъоварии ҳосили баҳории пиёз оғоз кард.

Ба иттилои манбаъ, бо мақсади таъмини аҳолии Тоҷикистон бо пиёзи барвақтӣ ва паст фаровардани нархи пиёз дар бозорҳои дохилӣ деҳқонони ҷамоати деҳоти Истиқлоли Ҷайҳун аллакай онро ҷамъовардаанд.

Интизор меравад, ки дар пайи ворид шудани ҳосили ҷадид ба бозорҳо нархи он коҳиш ёбад.

Ин дар ҳолест, ки соли равон дар бисёре аз кишварҳои Осиёи Марказӣ камбуди захоири пиёз ба мушоҳида расид, ки дар натиҷа давлатҳо содироти ин маҳсулотро маҳдуд карданд.

Дар бозорҳои Тоҷикистон нархи як кг пиёз ба 13-14 сомонӣ расид, ки қаблан собиқа надошт.

Бар асоси дурнамои Вазорати кишоварзии Тоҷикистон, соли 2023 дар хоҷагиҳои чумҳурӣ дар майдони беш аз 17 ҳазор гектар кишти пиёз гузаронида мешавад. Ба иттилои манбаъ, аз ин майдон зиёда аз 11 ҳазор гектарро пиёзи барвақтӣ ташкил медиҳад.

Ин дар ҳолест, ки феълан талабот ба ин навъи маҳсулот на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он низ зиёд мебошад.

Қаблан соҳибкорони Қазоқистон изҳори омодагӣ карда буданд, ки 15 млн доллар барои пиёзи Тоҷикистон пешпардохт намоянд ва дар ҳолати фаъолияти устувор ин маблағ метавонад то 45-50 млн доллар афзоиш ёбад.

**Д. ҚОДИРПУР**

▸▸ *Муҳоҷират*

# ШАРТИ НАВИ ГИРИФТАНИ ШАҲРВАНДИИ РУСИЯ

**Донистани забони русӣ барои довталабони барномаи кӯчонидани ҳамватанон - “Соотечественники” ҳатмӣ шуд.**

Хотирнишон, ки дар доираи барномаи кӯчонидани ҳамватанон қасди гирифтани шаҳрвандии Русияро доранд, акнун бояд донистани забони русиро тасдиқ кунанд.

Ҳангоми пешниҳоди аризаи дахлдор, бояд донистани забони русӣ низ тасдиқ шавад. Фармони дахлдорро раисиҷумҳури Русия Владимир Путин имзо кардааст.

Тағйирот аз 1-уми январи соли 2024 эътибор пайдо мекунанд.

Дар ин санад гуфта мешавад, ки қабули дархост ба шарте сурат мегирад, ки довталаб забони русиро дар сатҳи кофӣ "барои гуфтугӯи шифоҳӣ ва хаттӣ дар муҳити забон" донад.

Донистани забони русиро бо ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумот ё ҳангоми мусоҳиба тасдиқ кардан мумкин аст.

Барномаи мусоидат ба кӯчонидани ихтиёрии ҳамватанони бурунмарзӣ ба Русия соли 2006 қабул шуда буд. Он барои осон кардани кӯчонидани одамоне пешбинӣ шудааст, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ берун аз қаламрави Федератсияи Русия қарор гирифтаанд ва мехоҳанд ба кишвар баргарданд.




# ОҚИБАТИ НИКОҲИ ҚАЛБАКӢ

**Аз ин ба баъд дар Русия барои издивоҷи қалбакӣ аз шаҳрвандӣ маҳрум намуда-нашон мумкин аст.**

Ба Думаи давлатии Федератсияи Русия лоиҳаи қонун дар бораи лағви шаҳрвандии аз тариқи никоҳи қалбакӣ гирифташуда пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонун дар бораи бекор кардани шаҳрвандӣ аз ҷониби намояндагони мақлиси қонунгузори вилояти Калуга пешниҳод шудааст. Ҳуҷҷат дар пойгоҳи электронии палатаи поёнии парлумон ҷойгир аст.

Он мафҳумҳои "ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё маълумоти бардурӯғ"-ро мушаххас мекунад, ки барои лағви қарор дар бораи гирифтани шаҳрвандии Русия асос шудаанд.

Илова бар ин, тибқи ин ташаббус, на танҳо бастани ақди никоҳи қалбакӣ, балки пешниҳоди шаҳодатномаҳои беэътибор дар бораи донистани забони русӣ, таърихи Русия ва асосҳои қонунгузорӣ низ бояд асос барои лағви шаҳрвандии гирифташуда гардад.

Муаллифони лоиҳа қайд кардаанд, ки истифодаи ҳуҷҷату маълумоти бардурӯғ бояд дар додгоҳ муқаррар карда шавад.

Омор низ оварда шудааст, ки тибқи он дар соли 2022 дар вилояти Калуга беш аз 200 ҳолати эҳтимолии издивоҷи қалбакӣ сабт шудааст. Ҳамчунон беш аз 500 далели додани шаҳодатномаи донистани забони русӣ ба хориҷиён, ки аслан онро намедонанд, сабт гардидааст.

Ёдовар мешавем, ки қаблан Вазорати корҳои дохилии Русия лоиҳаи қонуни муборизаи бо қонунигардонии муҳоҷирон тавассути бастани ақди никоҳи сохтаро таҳия карда буд. Дар қонун инчунин чораҳои муборизаи бар зидди падарии қалбакӣ пешбинӣ шудаанд.

▸▸ *Нуқтаи назар*

# ТИҶОРАТ ВА ҲУВИЯТ

## Магар савдо бо забони тоҷикӣ имконнопазир аст?

**Солҳои охир тиҷорат тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ рӯ ба рушд ниҳодааст. Ин навъи тиҷорат дар асл бадие надорад. Он чӣ нороҳаткунанда аст, забони саҳифаҳои тиҷоратист, ки 99 дарсад бо забони русӣ кор мебаранд.**

Дар Тоҷикистон тоҷирони хурду миёна бештар аз шабакаҳои “Инстаграм” ва “Фейсбук” истифода мебаранд. Ангор бо забони модарӣ тиҷорат кардан имконпазир набошад. Ба кадом саҳифае ворид нашавед, суолу ҷавоб бо забони русӣ радду бадал мешавад. Ҳатто онҳое, ки русӣ балад нестанд, бо забони шикастаи пурхато русӣ мепурсанду русӣ посух медиҳанд.

Бедардоне ҳастанду хоҳанд гуфт, ки мушкил надорад, муҳим тиҷорат пеш равад. Аммо ин нишони бехувиятии як миллат аст ва бехувиятӣ миллатро ба шикаст хоҳад овард.

Ин падида, ки бехувиятӣ унвон кардем, аз эҳсоси худкамбинии миллӣ сарчашма мегирад. Яъне кам шуморидани худ, забони модарии худ ва миллати худ. Ва арҷ қоил набудан ба забону фарҳангу дар умум миллати худ.

Моликони мағозаву фурӯшгоҳҳои Душанбе агар пештар номҳои русӣ гузоштанро авло мешуморианд, ҳоло номҳои туркиву инглисӣ ниҳоданро расм кардаанд.

Ҳамин эҳсоси худкамбинӣ ва беҳувиятии мост, ки имрӯз дар бозорҳои Русия меваҳои Тоҷикистонро тоҷирони тоҷик меваи Ӯзбекистон гуфта мефурӯшанд.

Дар сафари охире, ки ба Маскав доштаму дар маъракаи ҳамватане даъват шудам, соҳиби рестурон тоҷики ваҳдатӣ, коргарон саросар тоҷик, аммо дар пештоқи дари рестурон навиштаанд: Узбекская кухня.

Омили узбекӣ ном бурдани меваҷоти тоҷикӣ ва ошхонаву рестуронҳои тоҷикӣ дар Русия фаротар аз баҳси ҳувият ҳастанд, ки фурсат даст диҳад, дар замони дигар баён мекунем. Аммо решаи ин падида ҳам боз ба ҳамон надоштани ҳувият бармегардад.

Арз кардем, ки сарчашмаи ин падидаи худбезорӣ беҳувиятист. Ҳоло бояд андешид, ки худи беҳувиятӣ аз куҷо сарчашма мегирад?

Беҳувиятӣ аз тарбия дар хона ва мактаб ба миён меояд. Имрӯз волидон ва муаллимони беҳувияте нашармида ба наврасону ҷавонон талқин мекунанд, ки забони тоҷикӣ то фурудгоҳ ба кор меояд.

Ва муҳимтар аз ҳама, мо дар се дахсолаи истиқлол мактаби миллӣ ба вуҷуд оварда натавонистем. Мактабе, ки хатмкардааш ҳадди ақал забони худро бидонад ва аз забони модариаш нашармад, балки ифтихор намояд.

Аз ӯзбекӣ шудани забони тоҷикони Ӯзбекистон менолем, аммо русӣ шудани забони худро намебинем. Онҳоро ба беҳувиятӣ айбдор месозем, беҳувиятии худро нодида мегирем.

Чорае бояд ёфт!

Беҳувиятӣ бадбахтӣ меорад.

**Азиз НАҚИБЗОД**



# РАСТОХЕЗИ САДОҚАТ

## Ё шаммае аз зиндагиномаи муаллим Сайфуллохон Давлатшоев

**Ин андешаҳоро ҳанӯз дар қайди ҳаёт будани муаллими азизам Сайфуллохон Падарович навишта будам. Аммо бар иллати он ки устод Сайфуллохон Падарович тавсифу таърифро он қадар дӯст намедошт, нашр накардам. Вале ба қавли сарлашкар Георгий Жуков, "Ватан бояд қаҳрамононашро шиносад" ва ба қадрашон бирасад.**

### Бобои Падар

Бобои Падар - падари бузурги Сайфуллохон бо пиндору кирдораш ва мақоми оилавиаш воқеан Падар буд. Бобои Падар дар ҳар суханаш ҳикмату ривоят дошту мантиқи оҳанини андешҳояш танзолуд буд. Аз ин хотир аҳли деҳ ва умуман водии Шоҳдара фалсафаи уро шӯхӣ ва танз мефаҳмиданд. Бо шӯхӣ худро на аз деҳаи Синдев (зодгоҳи Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар), балки аз "Қишлоқи тиллоӣ" муаррифӣ мекард. Дар асл ӯ аз пайвандони наздики Мирсаид Миршакар буд. Шаҷараи аслу насабаш ба ашрофзодагони Шерози Эрон васл мешуд. Воқеан ӯ пайрави фалсафаи амалии академик Игор Тамм - "инсон дар ду ҳолат: якум барои истироҳат, дуюм барои наҷот аз таъқиб ба куҳ фирор мекунад" буд.

Бобои Падар дар замони низоми шадиди идеологии Шӯравӣ ҳеҷ гоҳ қофияро барои қолаби давр қурбонӣ намекард. Суханашро бе парда ошкоро мегуфт. Ба онҳое, ки аз авлоди гузаштагонаш аз Эрону Афғонистон фахр мекарданд, бо танз мегуфт, ки "хиёнат ба Ватан дар хуни шумо бокӣ мемонад"...

### Шоҳи ҷангал

Бо устод Сайфуллохон ду моҳ баъди шиносоӣ бо Бобои Падар дучор омадам. Аниқтараш маро ба ин муҷассамаи меҳру меҳнат дучор карданд. Соли 1975 Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)- ро хатм кардам. Роҳҳати корӣ ба институти фалсафа доштам. Аммо волидон аз файласуф шудани ман он қадар розӣ набуданд. Аз ин хотир моҳи сентябр бе роҳҳат ба зодгоҳам деҳаи Пиши ҷамоати Дарморахт омадам. Се моҳ ба кору бори хона банд будам. Амакам яке аз ҷангалбонҳои Бадахшон, олим ва хоҷагидори маъруф Аноятбек Қосумбеков як рӯз маро барои ҳезумкашонӣ ба ҷангали Синдеви Роштқалъа бурд. Пас аз омода кардани ҳезум дар деҳаи Шохиризм, ки дар Бадахшон бо меҳмонавозиаш шуҳрат дошт, амакамро ба зиёфат даъват карданд. Амакам воқеан мисли Шер Шоҳи ҷангал буд. Бе роҳхати ӯ ҳезум, алаф, чарогоҳ дар ин водӣ ба касе дода намешуд. Мардуми ин диёр амакамро барои инсоф ва кӯрнафсиаш дӯст медоштанд. Дар аснои зиёфат марди ба тану тӯши хушсимо хеле гарм ва бо танз суҳбат мекард.

### Ба назди шоҳон на, назди фақирон бирав

Ҳамон вақт сари зиёфат амакам масъали кори маро низ ҳаллу фасл кард. Бобои Падар гуфт, ки писараш Сайфуллохон дар раёсати маорифи вилоят кор мекунад. Барои ёфтани кор ҳамдастӣ мекунад. Аммо ин таъниноти сари зиёфат маро он қадар дилпур накард. Дар роҳ ба амакам гуфтам, ки масъали кори маро ҳатто худи Фақиров Ғуломмамад, сардори Раёсати маорифи ВМКБ ҳал карда метавонист. Воқеан он замон як бор наздаш даромада будам. Дипломи маро диду гуфт:

- Аз физика дарс дода метавонӣ?

Кӯшиши ба Фақиров фаҳмондани тафовути байни физика ва адабиёт натиҷа надод.

- Фақат дар деҳаи дурдасти Ғударои водии Бартанг воҳиди кории муаллими физика аст...

Амакам нақли маро гӯш карда, гуфт:

- Ту чӣ хел дар оянда журналист шуданӣ? Ҳоло ба Фақирон он қадар эътимод нест. Ҳама назди шоҳ, яъне Давлатшоҳ мераванд.

16-уми сентябри соли 1975 назди Шоҳ Сайфуллохон Давлатшоев рафтам. Ӯ дирктори филмотекаи ВМКБ ва сарметодисти истифодаи айёният ва техника дар мактабҳо буд. Идораи Филмотекаи вилоятӣ дар дохили интернати вилоятӣ буд. Устод Сайфуллохон Падарович маро хеле самимӣ истиқбол карда, дафъатан пурсид?

- Медонӣ ин ҷо, яъне ҷои кори нави шумо чӣ ном дорад?

- Филмотекаи ВМКБ ва Маркази методии таълими васоити техникӣ дар мактабҳо,- бурро ҷавоб додам.

- Не, назариявӣ шояд дуруст бошад. Аммо амалан ин ҷо нордбон аст. Инро нордбон мегӯянд. Тавассути ин нордбон ба вазифаҳои баланд мебароӣ ё аз зинаҳои он сарозер ба поён меафтӣ! Ман ҳам дар зинапояҳои ин нордбон ҳастам. Шукри беҳад, то ҳол наафтидам...

### Мактаби маърифат

Ҳамин тавр таҳти сарварии Сайфуллохон Падарович ба ҳайси методисти филмотекаи вилоятӣ ва ғайрирасмӣ муовини директори Филмотекаи ВМКБ таъин шудам. Падарам (руҳаш шод бод), омӯзгори маъруфи бо собиқаи чилсола низ хеле хурсанд буд. Зеро таҳти сарварии Давлатшоев кор кардан, ин яъне ман ба Институти педагогии ба номи Шевченко (ҳоло Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айнӣ) дохил шудам. Падар гуфт:

- Сухану панди Сайфуллохон Падарович воқеан дастури бебаҳои рӯз мебошанд. Ту доимӣ дар он ҷо наемонӣ. Ба кори эҷодӣ даст зан. Подабон дар чарогоҳ говҳои гарданшахи пештоз ва ё говҳои ақибмондаро калтак мезанад. Дар миёна ҷо гирифта, оҳиста-оҳиста чаро кардан гир. Вале ман бештар дар "чарогоҳ"-и маърифати Сайфуллохон баҳра мегирифтам. Бо ҳидояти Сайфуллохон қариб ҳамаи ҷилдҳои осори Чехов, Достоевский, Лермонотов, Куприн, Булгаковро хондам.

### Филмотеки ВМКБ

Сайфуллохон Падарович беҳтарин муаллими математикаи ҶШС Тоҷикистон буд. Барои ин ҳар моҳ ба конфронсҳо, симпозиумҳо даъват мешуд. Ӯ афсонаи зиндаи мураббии амалии мактаби даврони Шӯравӣ буд. Моҳи майи соли 1976 бори нахуст дар шаҳри Бокуи ҶШС Озарбойҷон намоишгоҳи таълимии методии истифодаи воситаҳои техникӣ дар дарсҳо баргузор шуд. Ҷумҳурии моро Сайфуллохон Давлатшоев бо маърӯзаи "Истифодаи дастгоҳи филмнамоишдиҳии "Украина 5" дар машғулиятҳои фанҳои башарӣ" муаррифӣ кард. Ӯ бо дипломи дараҷаи олӣ ва мукофоти техникӣ ба миқдори 450 дастгоҳи филнамоишдиҳӣ, 22 магнитофони синфӣ, киноскопи 120-милиметра, 8 кинопроектори "Днепр", 35 магнитофони барои утоқҳои лингофонӣ ба Тоҷикистон оварда. Моҳи ноябри соли 1976 дар шаҳри Душанбе аз таҷрибаи Филмотекаи ВМКБ семинари серӯза доир шуд.

Сайфуллохон Падарович усули таълими Макаренко, Ушаинскийро васеъ истифода бурда, дарси фунуни дақикро бо истифода аз таъриху адабиёт тадрис мекард.

### Хатои шоир

Ба ростӣ, дар 6 моҳи аввали кор ман нафаҳмидам, ки устод Сайфуллохон муаллими математика ва физика аст. Боиси шармсории ман шуд, ки ӯ ҳофизу Соибро аз ман бештар медонист. Ман аз ҳафтаи аввали кор аз шеърхонию шеърдӯстии Сайфуллохон ба дафтари қайдам иқтибосҳо ҷамъ меовардам. Боре 1-уми сентябр бо устод Сайфуллохон ба ноҳияи Ишкошим ба сафар баромадем. Ҳамон вақт баъди 6 моҳ ӯ асрори физику математика шуданашро гуфт:

- Тамоми зиндагии ҳаррӯзаи мо аз риёзӣ, ҳисобу китоб иборат аст. Ва ҳар як ҳаракати мо қонуни физика аст. Шумо адибону журналистон баъзан дар фазои эҳсосот аз далели ташбеҳ фаромӯш мекунед. Масалан шоири хеле маъруфи шумо дар ин бехтарин шеър (ман номашро зикр намекунам) ба иштибоҳи бузург роҳ додааст:

*Оҳану пулод аз як кӯҳ*
*меоянд бурун,*
*Он яке шамшер гардад,*
*дигаре наъли хар аст.*

Акнун худат хатои ин шеърро ба мани математику физик фаҳмон.

Ман дах бор шеърро рӯнавис карда, ягон иштибоҳ пайдо накардам. Сайфуллохон Падарович бо табассум гуфт:

- Ин хаторо танҳо физик дарк мекунад. "Оҳану пулод аз як кон меоянд бурун"-ро хонед. Оҳанро аз кон мегиранду пулодро аз кон не, дар корхонаи металлургӣ мегудозанд...

### Иқдомҳои Сайфуллохон Падарович

Соли 1978 бо саъю талоши Сайфуллохон Падарович дар ҶШС Тоҷикистон нахустин фестивал, озмунҳои касбҳои коргарӣ баргузор гардида, дар доираи барномаи давлатии ривочу равнақи маълумот ва касбҳои коргарӣ тавассути омӯзишгоҳҳо ва техникумҳои РСФСР, Украина, Белорусия ва Латвия 1670 нафар ҷавонони ВМКБ фиристода шуданд. Муаллифи ин сатрҳо бо супориши сардори Раёсати маорифи ВМКБ Ғуломмаҳмад Фақиров ва Сайфуллохон Давлатшоев аз таҳсили коргарҷавонони шаҳрҳои Клин, Суздал, Владимир, Лвов, Запороже гузоришу репортажҳо нашр намудам. Заҳмати 4-солаи Сайфуллохон Падарович оид ба ташкили комбинати истеҳсолӣ-омӯзишии шаҳри Хоруғ барои мактабҳои шаҳрӣ барабас нарафт. Соли 1978 Иттиҳодияи "Тоҷикглавснаб" ба шаҳри Хоруғ 800 метри кубӣ чӯб, 28 дастгоҳи харротӣ, тачҳизоти челонгарӣ, 230 асбобу тачҳизоти барқ, 560 асбоби чӯбтрошӣ, кандакорӣ чудо намуд. Бо иқдом ва заҳматҳои Сайфуллохон дар 6 ноҳияи ВМКБ чунин сеҳу корхонаҳои истеҳсолии омӯзишӣ бунё шуданд...

### Сармояи умр

Бо ҳидояти Сайфуллохон Падарович соли 1978 ман ба касби журналистика баргаштам. Аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) фақат нусхаи дипломам дар фаъолияти 50-солаам ба кор омад. Аммо тачриба, касби журналистика ва танзнависиро дар Донишгоҳи зиндагии Сайфуллохон Давлатшоев омӯхтам. Ва ин донишгоҳро садҳо нафар омӯзгорону зиёиёни ВМКБ хатм карданд...

Вале волотар ва болотар аз ин хидматҳои беназиру беҳамтои Сайфуллохон Падарович он аст, ки ӯ мақоли славянии "Оила бе аблаҳ намешавад"-ро куллан дурӯғ бароварда. Ҳамаи 4 фарзандаш дар хислат, касбияту инсондӯстӣ сазовори таҳсин мебошанд. Боре устод Ширин Бунёд (руҳашон шод бод) гуфтанд: "Абдурасул сармояшро ба 5 дӯкон равон карда, бухрони молиявӣ тиҷораташро муфлис кард. Абдушукур маблағашро ба 10 гектар боғи мева сарф карду сел онро пурра бурд. Афзалбек 5 "Тангем" харида, ҳоло ҳамааш валангор дар ҳавлиаш партофта шудаанд. Сайфуллохон тамоми сармояшро барои таҳсилу тарбияти фарзандон сарф карда, ҳоло ҳар моҳ то 50 ҳазор сомонӣ фоидаи соф мегирад"...

Оре, фарзандонаш Амина Донишгоҳи Массачусетси ИМА ва Коллеҷи тиббии Покистон, Озодхон Донишгоҳи давлатии Хоруғ ва Донишгоҳи Оксфорди Британия, Фаридун Донишгоҳи амрикоии Бишкек, Акмалҷон Донишгоҳи алоқаи Алмаато ва Академияи дипломатии ВКХ Россияро бомуваффақият хатм карда, дар бонуфузтарин ширкату ташкилотҳои ҷаҳонӣ кор мекунанд.

Заҳмати 51-солаи фаъолияти расмии меҳнатӣ ва бе сабти расмӣ дар дафтарчаи меҳнатии 65-солаи Сайфуллохон Давлатшоевро дар як очерк ғунҷонидан имконнопазир аст. Ин лаҳзаҳои кӯчак танҳо аз рӯзҳоест, ки чаҳор сол таҳти сарварии ӯ кор карда, ба балоғати касбӣ расидам. (Ин сирф ақидаи худам аст. Ба ин бисёр дӯстон шубҳа доранд).

**Наҷмиддини ШОҲИНБОД,**
**узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон**

Аз 22 то 24-уми март дар шаҳри Ню-Йорки Амрико доир ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 ҳамоиш баргузор гардид. Ташаббускори ин даҳсолаи байналмилалӣ Тоҷикистон аст ва Созмони Милали Муттаҳид дар ин маврид қатънома қабул кардааст. Ин ҳамоиш барои Тоҷикистон чӣ аҳамият дошт? Дар ин маврид бо собиқ муовини Сарвазири мамлакат, сарпараст ва ҷонишини кумитаи тадорукоти ҳамоиши байналмилалии ‘’Оби тоза, Душанбе - 2003’’ Қозидавлат Қоимдодов ҳамсуҳбат шудем.



# АЗ ҲАМОИШИ ОБ ТОҶИКИСТОН ЧӢ МАНФИАТ ДОРАД?

## Мусоҳиба бо дипломати тоҷик Қозидавлат Қоимдодов

**- Аз нигоҳи шумо, ҳамоиши сатҳи баланди марбут ба об, ки дар шаҳри Ню-Йорк доир шуд, чист ва он барои Тоҷикистон чӣ медиҳад?**

- Аввал, хабари пуштибонии иқдоми навбатии Тоҷикистон аз ҷониби сохторҳои СММ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи манбаъҳои обу пиряхҳоро ба кулли мардуми кишвар шодбош мегӯям. Зеро, роҳи ин пирӯзӣ осону ҳамвор набуд. Умуман, об муҳимтарин ва нодиртарин неъмат барои зиндагии одамон маҳсуб мешавад. Инсоният дар ҳазорсолаи сеюм дарк кард, ки ин сарвати бебаҳо торафт талаботи ҳаёти зиндаро таъмин намекунад ва боиси монеаҳои рушд мегардад. Ҳоло тибқи омор дар миқёси ҷаҳон тақрибан 1 миллиард аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Чунин мушкилот дар ҷумҳурӣ ва Осиёи Марказӣ низ ҷой дорад.

Аз аввали солҳои фаъолият Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон доимо ба якчанд проблемаи тақдирсози миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ диққати зарурӣ медоданд ва ман шоҳиди онҳо низ будам. Ҳанӯз соли 1996 Сарвари давлат барои мониторинги захираҳои обии кишвар супориш дода буданд. Тоҷикистон аз рӯйи захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Дар қаламрави кишвар тақрибан 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ сарчашма мегиранд. Бинобар ин, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар форумҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҷаласаҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба масъалаи самаранок истифода бурдани захираҳои об чандин маротиба ташаббусҳо пешниҳод намуданд. Даҳсолаи байналмилалии об низ идомаи ташаббусҳои қаблан амалишуда мебошад.

**- Чаро маҳз Тоҷикистон масъалаи обро дар СММ мебардорад?**

- Маротибаи аввал 1-уми октябри соли 1999 Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 54-уми Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси Тоҷикистонро оид ба “Соли байналмилалии оби тоза” пешниҳод намуд ва қайд кард, ки “дар асри 21 тақсимоти об ва истифодабарии он бояд характери ҳарбӣ надошта бошад’’, яъне дипломатӣ.

Баъдан, 7-уми сентябри соли 2000-ум дар қароргоҳи СММ дар саммити ҳазорсола Эмомалӣ Раҳмон ба тамоми роҳбарони дунё ва созмонҳои байналмилалӣ мурочиат намуд, ки ташаббуси давлати Тоҷикистонро оид ба гузаронидани соли 2003 - “Соли байналмилалии оби тоза” дастгирӣ намоянд. Дар вақти муҳокимаронӣ намояндагони бисёр давлатҳои ҷаҳон савол ба миён меоварданд, ки чаро Тоҷикистон дар сароби обҳои Осиёи Марказӣ қарор дорад ва масъалаи обро мехоҳад ба рӯзномаи саммит ворид гардонад. Барои фаҳмондани фоидаи об ва зарари он барои давлатҳои болооб Роҳбари давлат аз усулҳои дипломатӣ истифода бурда, иштироккунандагони саммитро бовар кунониданд, ки бе ҳалли ин проблема ҷомеаи ҷаҳонӣ дар оянда пеш намеравад.

Сипас, 20-уми декабри соли 2000-ум бо ташаббуси Тоҷикистон дар ҳаммуаллифии 100 давлати дунё қарор қабул гардид. Баъди қабули ташаббуси Тоҷикистон, СММ Сеюмин конфронси ҷаҳонӣ доир ба Оби тозаро дар Киёта 16-23-юми марти 2003 ва дар Душанбе 30-юми сентябри соли 2003 барпо намуд, ки Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар ду чорабинӣ бо пешниҳодҳои нав баромад карданд. Он рӯз барои Тоҷикистон як рӯзи таърихӣ буд. Чунки ташаббуси мо аз хати экватор гузашта, дар СММ дастгирӣ ёфта, барои муҳокимаронӣ ва пешниҳодҳо ба Душанбе баргашт, ки дар он намояндагони 53 давлат ва 91 нафар намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва дипломатҳо иштирок карданд. Ҳамин тариқ, Душанбе ба пойтахти оби ҷаҳонӣ мубаддал шуд ва давлати Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори проблемаҳои об дар ҷаҳон эътироф гардид.

**- Соли 2009 дар Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Тоҷикистон як ниҳод - Гурӯҳи «Дӯстони об» таъсис дода шуда буд. Нақши ин ниҳодро дар қабули барномаҳо чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Ниҳоди мазкур дар муҳокима ва баррасии тамоми масъалаҳои марбут ба об дар СММ нақши фаъол дорад. Айни ҳол зиёда аз 100 кишвари узви созмонро фаро мегирад. Бояд қайд намуд, ки ду лоиҳаи асосӣ - таъмини аҳолӣ бо оби нушокӣ ва дуюм тиҷоратӣ ва коркарди оби нӯшокӣ таҳти сарварии Пешвои миллат таҳия гардиданд. Имрӯз дар Тоҷикистон 89 фоизи аҳолӣ ба оби нӯшокӣ дастрасӣ дошта, танҳо дар 20 соли охир зиёда аз 200 деҳоту шаҳрак, маҳалла бо оби тоза таъмин гардиданд. Имрӯз обҳои нӯшокии Тоҷикистон ба кишварҳои дунё содир шуда, бо 6 давлати дунё истеҳсолоти муштарак дорад.

**- Бо даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005 - 2015, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013) ва ниҳоят даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018 - 2028 метавон Тоҷикистонро ҳамчун поягузори ташаббусу иқдомҳои байналмилалӣ дар соҳаи об эътироф кард?**

- Албатта. Ҳамбастагии «об - нерӯи барқ - озуқаворӣ» омили дувуми масъала ба ҳисоб меравад. Бояд иқрор шуд, ки баромадҳо аз минбарҳои баланд, вохӯриҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба самаранок истифода бурдани захираҳои об барои мо роҳи ҳалли мушкилоти сохтмони нерӯгоҳи “Роғун”-ро кушод. Ин аст меваи дипломатияи об, ин аст қаҳрамонӣ. Ба ғайр аз ин, дар чорчӯбаи иҷроиши тавсияҳо, форумҳо доир ба об ба давлати мо аз тарафи давлатҳои дунё ва созмонҳои байналмилалӣ кумакҳои зиёд ворид гардидаанд. Яке аз сабабҳои ҳушдор додани мардуми Сайёра аз ҷониби Пешвои миллат ин ҳифзи захираҳои об мебошад. Дар ҳудуди Тоҷикистон қариб 10 ҳазор пирях мавҷуд буда, масоҳати умумии онҳо 8500 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Гармшавии бошитоб ва тағйири иқлим ба пиряхҳои Тоҷикистон таъсири фалокатбор мерасонад. Сарвари давлат фалокати обшавии пиряхро аз наздик ба Котиби Генералии СММ Антонио Гутерриш нишон дода, барои ҳифзи ин манбаи об тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намуданд.

**- Борҳо дар ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ мафҳуми дипломатияи об истифода шудааст. Моҳияти дипломатияи об дар чист?**

- Дар пайи ташаббусҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об, батадриҷ мафҳуми дипломатияи об ба сатҳи амалӣ баромад. Ин нукта ба ҷаҳониён собит намуд, ки ғояи дипломатияи об аз фаҳмиши анъанавӣ ё классикии он фарқ дорад. Он роҳандозии технологияҳои нави гуфтушунидро тақозо мекунад, ки ба анҷоми муваффақонаи ихтилофу мунозишаҳо оид ба идора ва истифодаи захираҳои оби дарёҳои фаромиллӣ мусоидат намоянд. Ин иқдом метавонад ба ҳамкории ҷиддии васеъ ва таҳияи созишномаҳои одилона ва оқилона дар робита ба ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ дар минтақаҳои гуногуни дунё оварда расонад. Баробари ин, дар симои Сарвари давлатамон Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ ва ҳамчун поягузори иқдомҳои байналмилалӣ дар соҳаи об аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ шинохта шуд. Ин боиси вусъати обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ гардид. Ҳоло ҳама гуна чорачӯӣ ва ҷустучӯи ҳалли тамоми масъалаҳои марбут ба об, ҳалли мушкилоти таъмини ҳамагон бо оби тоза ва ҳамкории байналмилалӣ вобаста ба масъалаҳои об бо иштироки фаъоли Тоҷикистон сурат мегиранд.

**- Ниҳоят, аз ин иқдомҳои Тоҷикистон ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ суде хоҳад дид?**

- Манфиатҳои умумибашарӣ ба чанд ҷанба вобастагӣ доранд. Таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба захираҳои об. Баландшавии ҳарорати ҳаво дар садсолаи охир, ки боиси кам гардидан ва аз байн рафтани захираҳои об, аз ҷумла пиряхҳо гардид, мушкилоти инсонҳоро афзун намудааст. Яъне, дар ин замина офатҳои фоҷианок ба бор омадааст. Дар давоми 60 соли охир ба андозаи аз 0,5 то 1,0 дараҷа селсий баланд гардидани ҳарорати ҳаво боиси таъсири манфӣ ба захираҳои обӣ гардида, ҳамасола ин раванд метавонад ба иқтисодиёти ҷаҳон то 2 триллион доллар зарар расонад.

Офатҳои табиии марбут ба об хисороти молию ҷонии фоҷиаборро ба иқтисодиёти давлатҳо оварда, заминҳои ҳосилхез, маҳалҳои аҳолинишин, роҳҳо, кӯпрукҳо, корезҳои обёрӣ, иншооти гидротехникӣ ва одамону молу сарвати онҳоро ба коми офат мекашад.

Дар даҳсолаҳои охир то 30% пиряхҳои Тоҷикистон об шуданд ва ин тамоюл, мутаассифона, то ҳол давом дорад. Ин ва дигар мушкилотро Тоҷикистон барои пешгирӣ ва роҳҳои ҳал ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳушдор медиҳад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# ДАВРИ АВВАЛИ ЛИГАИ ОЛӢ СЕРГОЛ БУД

**Даври аввали мавсими нави Чемпионати футболи Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуд. Дар панҷ вохӯрӣ 20 гол зада шуд, ки ба ҳисоби миёна ба як бозӣ 4 гол рост меояд.**



Дар даври якуми 1XBet-Чемпионати Тоҷикистон-2023 дастаи «Равшан»-и Кӯлоб дар майдони худ бар «Кӯктош» бо ҳисоби 3:1 ғалаба кард. Қаҳрамони вохӯрӣ ҳамлагари «Равшан» Тоҳир Малодӯстов гардид, ки дубл кард.

Бошгоҳи «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода дар даври аввал бар дастаи «Хатлон»-и Бохтар ғалабаи бузург ба даст оварда - 3:0. Голҳоро Абдухалил Боронов, Шерзод Маҳмадиев ва Нуриддин Ҳамроқулов заданд.

Дастаи «Эсхата»-и Хуҷанд дар ҳоле, ки бо ҳисоби 0:2 шикаст мехӯрд, ташаббусро ба даст гирифта, билохира бар КМВА-и Душанбе бо ҳисоби 3:2 пирӯз шуд. Бахтиёр Зарипов муаллифи аввалин хеттрик дар мавсими имсолаи Лигаи Олӣ гардид ва бехтарин бозигари вохӯрӣ ҳам дониста шуд.

Бозии даври якуми байни дастаҳои «Ҳосилот»-и Фархор ва «Файзканд»-и Восеъ бо ҳисоби мусовӣ - 2:2 хотима ёфт. Дар ин бозӣ чор нафар аз ҷониби довар аз майдон ронда шуданд.

Дар вохӯрии охири даври аввал «Истиқлол»-и Душанбе дарвозаи «Хуҷанд»-и Хуҷандро голборон кард - 4:0. Ҳамаи голҳоро бародарон Ромиш, Манучеҳр ва Алишер Ҷалиловҳо заданд, ки охирӣ дубл кард.

Даври дуюм 6-уми апрел шуруъ мешавад, ки «Кӯктош» бо «Ҳосилот» ва «Хатлон» бо «Эсхата» бозӣ мекунанд. Дар рӯзи 7-уми апрел КМВА бо «Равшан», «Хуҷанд» бо «Регар-ТадАЗ» ва «Истиқлол» бо «Файзканд» вомехӯранд.

ҶУДО

# НОКОМИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ANTALYA GRAND SLAM 2023

**Дар мусобиқаи байналмилалии Antalya Grand Slam 2023 дар Туркия 5 намояндаи Тоҷикистон дар баробари 616 варзишгар (357 мард ва 259 зан) аз 87 кишвар ширкат карданд, аммо ном шуданд.**

Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар вазни 60 кг Муҳаммадсолеҳ Қувватов, 66 кг Обид Ҷебов, 73 кг Бехрӯзи Хоҷазода, 81 кг Шодмон Ризоев, 90 кг Ҷаҳонгир Маҷидов шомил буданд.

Ҷаҳонгир Маҷидов дар нахустин қувваозмоии худ аз Мартин Матиаси олмонӣ шикаст хӯрд. Обид Ҷебов дар қувваозмоии аввал норвежӣ Густав Броволдро шикаст дод, сипас итолёвӣ Фабио Базилеро мағлуб кард. Дар қувваозмоии сеюм Ҷебов аз бразилӣ Виллиан Лима мағлуб шуд.

Бехрӯзи Хоҷазода дар даври аввал бар чудокори Финланд Валтер Олин ва дар даври дуюм бар нидерландӣ Коэн Хег пирӯз шуд, аммо дар вохӯрии сеюм аз олмонӣ Игор Вандтке мағлуб шуд.

Шодмон Ризоев дар нахустин қувваозмоӣ аз Ҷозо Фернандо мағлуб шуд. Дар рӯзи якуми мусобиқа намояндаи Тоҷикистон Муҳаммадсолеҳ Қувватов низ ноком шуд.

Ғолибони ин мусобиқаи байналмилалӣ ба ҷуз медалҳо соҳиби холҳои олимпӣ гардиданд. Ба бехтаринҳо мукофотҳои пулӣ дода шуд. Дар ҳар вазн ба ғолиб 5000 доллари ИМА, барои ҷойи дуюм 3000 доллар, барои ҷойи сеюм 1500 доллар дода мешавад.



Мусобиқаи ояндаи чудо байни курсантҳо ва навҷавонон хоҳад буд. Ҷоми Осиё бахшида ба хотираи Бекет Махмутов аз 7 то 9-уми апрел дар Алмаато баргузор мешавад. Дар мусобиқа зиёда аз 400 варзишгар аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Ҳонконг, Муғулистон ва дигар кишварҳо иштирок мекунанд.

ҶОМИ ОСИЁ-2023




# ТОҶИКИСТОН БО АВСТРАЛИЯ, САУДӢ ВА ЧИН БОЗӢ МЕКУНАД

**Дар шаҳри Бангкоки Тайланд маросими қуръакашии Ҷоми Осиё байни футболбозони то 17-сола баргузор гардид.**

Дар қуръакашӣ маълум шуд, ки дастаи мунтахаби наврасони то 17-солаи Тоҷикистон шомили гурӯҳи «С» гардида, бо дастаҳои мунтахаби наврсони то 17-солаи Австралия, Арабистони Саудӣ ва Чин бозӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки пас аз натиҷаи бозиҳои Ҷоми Осиё-2023 байни футболбозони ҷавони то 17-сола чор дастаи бехтарин соҳиби роҳҳатҳо ба Ҷоми ҷаҳонии футбол-2023 мешаванд.

Ҷоми Осиё байни дастаҳои мунтахаби то 17-сола аз 17-уми июн то 2-юми июли соли 2023 бо ширкати 16 дастаи мунтахаб дар Тайланд баргузор мешавад.

Натиҷаи қуръакашии Ҷоми Осиё-2023 U-17:

Гурӯҳи А: Тайланд, Яман, Малайзия, Лаос.

Гурӯҳи В: Курёи Ҷанубӣ, Эрон, Афғонистон, Қатар.

Гурӯҳи С: Тоҷикистон, Австралия, Арабистони Саудӣ, Чин.

Гурӯҳи D: Ҷопон, Ҳиндустон, Ветнам, Ӯзбекистон.

РЕЗААХБОР

Аз 5 то 11-уми апрел дар шаҳри Ҳисор даври аввали марҳилаи интихобии мусобиқоти футболи бонувон барои Бозиҳои олимпӣ-2024 дар гурӯҳи «Е» баргузор мешавад, ки дар он дастаҳои мунтахаби занонаи Тоҷикистон, Филиппин, Ҳонконг ва Покистон ширкат мекунанд. Ғолибони ҳафт гурӯҳ ба даври дуюми интихобӣ роҳ меёбанд ва онҷо панҷ дастаи бехтарини Осиё - Кореяи Шимолӣ, Ҷопон, Австралия, Чин ва Кореяи Ҷанубӣ ба мубориза ҳамроҳ мешаванд.

***

Дастаи "Бухоро"-и Ӯзбекистон қарордоди ҳамкориро бо мутахассиси тоҷик Ҳаким Фузайлов бо розигии тарафайн қатъ кард. Гуфта мешавад, ки сабаби пеш аз муҳлат ба анҷом расонидани шартномаи ҳамкорӣ вазъи саломатии мутахассиси тоҷик арзёбӣ мешавад. Ӯро мутахассиси ӯзбек Улуғбек Бақоев иваз мекунад. Дастаи "Бухоро" таҳти роҳбарии Ҳаким Фузайлов ба Суперлигаи Ӯзбекистон баромад.

***

Рӯзҳои 7-9-уми апрел дар Қазоқистон Ҷоми кушоди чудои Осиё миёни наврасону ҷавонон баргузор мешавад. Ба мусобиқа миёни наврасон 274 варзишгар аз 10 кишвар ва миёни ҷавонон 283 варзишгар аз 9 кишвар даъват шудаанд. Аз Тоҷикистон миёни наврасон дар вазни -50 кг Меҳрочиддин Гадоев, -55 кг Лоиқ Қутбиддинов, -66 кг Ворис Назаров, -73 кг Аминҷон Абдуҷалилзода, -81 кг Исмоил Бурҳонов, -90 кг Баҳоваддин Сулаймонов, +90 кг Фарахманд Устопиров, миёни ҷавонон дар вазни -60 кг Саъдӣ Маҳмадов, -73 кг Абубакр Шеров, -81 кг Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода, -81 кг Сайфиддин Сайфиддинзода, -90 кг Умедҷон Рачабов, +100 кг Иброҳимҷон Элмуродов ширкат хоҳанд кард.

***

Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар бораи баргузории Ниммарафони навбатии XIII байналмилалии Душанбе дар рӯзи 15-уми апрел қарор ба имзо расонд. Ниммарафони анъанавии байналмилалии Душанбе ба муносибати Рӯзи пойтахт гузаронида мешавад, ки ҳамасола рӯзи шанбеи сеюми моҳи апрел ҷашн гирифта мешавад. Барои ҳавасмандсозии ғолибони ниммарафон аз буҷети шаҳр зиёда аз 552 120 ҳазор сомонӣ чудо мешавад. Аз ҳамаи бародаршаҳрҳои Душанбе давандагон ба ниммарафон даъват карда мешаванд.

*Воқеа*

# ФОҶЕА ДАР КЎЛОБ

## чӣ тавр Маҳмудҷонро дар вақти дарс куштанд?

**Навраси 17-сола дар Кӯлоб ба далели қатли ҳамсолаш дастгир шудааст. Ҳодиса рӯзи 31-уми март дар мактаби №5-и шаҳр рух дода, гумонбар ҳамсинфашро дар синфхона бо корд мезанад. Ҷароҳатбардошта як рӯз пас дар беморхона мефавтад.**



Нисбати навраси гумонбар барои одамкушӣ (моддаи 104) ва барои авбошӣ (моддаи 237)-и Кодекси ҷиноятӣ парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Барои моддаи одамкушӣ аз 15 то 20 сол ва авбошӣ то 2 сол зиндон пешбинӣ шудааст.

Солҳои охир ҷанҷолу занозанӣ байни наврасону ҷавонон, ки аз корду дигар силоҳи сард истифода мебаранд, боиси кушта ва захмӣ шудани чандин хонандаи мактаб гардидааст.

Моҳи январ ба ин монанд ноболиғе барои қатли ҳамсолаш дар ноҳияи Рӯдакӣ 11 соли зиндон ҳукм гирифта буд.

*Бонги изтироб*

Ба таври фоҷеабор ба қатл расонидани Маҳмудҷони ноболиғ дар мактабе воқеъ дар шаҳри Кӯлоб аз ҷониби ҳамсабақаш аз бемасъулиятии падарону модарон ва бухрони сангини таълиму тарбия дар системаи маориф шаҳодат медиҳад.

Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки дар ин замина стратегия ва барномаҳои мушаххасеро дар самти назорати раванди таълиму тарбия ба роҳ монад, ки насли нави мамлакат дар асоси иззату эҳтиром ва дар руҳияи инсондӯстиву ватандӯстӣ ба воя расанд...

Ин ҳодисаҳо, ангезаҳои онҳо, зуҳури онҳо, равоншинохтии онҳо ва сабабҳои аслии сар задани онҳо бояд аз ҷониби ҷомеашиносон, равоншиносон, инсоншиносон, журналистон таҳқиқ шаванд, то кӯдакону наврасони дигар низ дар тамоми муассисаҳои таълимӣ дар амон бошанд.

Чунин фоҷеаи ба амал омада дар ҷаҳон хеле кам аст. Дар асоси хабару гузоришҳои ҷаҳонӣ кам ҳолатҳое ҳастанд, ки дар мактаб чунин куштор сурат гирад.

Дар шароити феълӣ хуб мешавад, ки ҳуқуқдонҳо, мутахассисон ва равоншиносон ба мактаб ҷалб карда шаванду бо истифода аз технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ва таъсиргузор дарсҳои амалии ахлоқӣ ва инсониро ҷиддитару таъсиргузортар ҳафтае ё моҳе як бор доир намоянд. Ва равоншиносону ҳуқуқшиносон ба кӯдакони ноогоҳу беибрат бифаҳмонанд, ки одамкушӣ ҷинояти вазнин аст, одамкушӣ ҷурми абадӣ аст, одамкушӣ хонавайронӣ аст, кордзанӣ натиҷааш зиндон аст, одамкушӣ гуноҳи бузурги нобахшиданӣ аст. Ва ҳам аз нигоҳи дунё ва дин кӯдакону наврасони бедониш аз содир намудани ҷиноят битарсанд...

Аз ҷониби дигар, Вазорати маориф ва илм вазифадор аст, ки усулҳои пешрафтаи таълим ва тарбияи кишварҳои пешрафтаро дар Тоҷикистон дар амал ҷорӣ намояд.

Масалан, дар давлати Ҷопон кӯдакон ва муҳассилини мактабҳо худ вазифадор шудаанд, ки синфхона, роҳравҳо, дастшӯйхонаҳоро бонавбат пок созанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва умумии Ҷопон, Қатар, Иморот, Сингапур, Куриё ва ғайра кӯдакон чунин ба контрол гирифта шудаанд, ки вақти холигӣ тамоман намеёбанд, яъне вақтҳо самаранок истифода мегарданд ва кӯдакон аз назорат фориғ наmemонанд.

Ҳарчанд маълумот дар ин замина беҳад зиёд аст, ҳаминро бояд гуфт, ки аз ин пас ҷаҳон пурташвиштар мешавад ва дар контроли системаи иттилоотӣ бояд назорат қатъӣ гардад, падар ва модари тоҷик, омӯзгорони бемасъулият дар назди шаъну шарафи худ дар роҳи хидмати шоиста дар Тоҷикистон бетараф ва бемасъулият набошанд. Зеро агар табиб бо ташхиси ғалаташ як беморро нобуд кунад, омӯзгор бо таълиму тарбияи ғалат ва бемаъниву бенатиҷааш як наслро метавонад табоҳ ва нобуд кунад!

**Фатҳиддини ЗАМОН,**
**журналист**

*Муҳоҷират*




# ДЕПОРТИ АСР

## муҳоҷири тоҷикро барои 100 сол ихроҷ карданд


**Мақомоти Русия шаҳрванди Тоҷикистон Алиҷон Раҳмоновро ихроҷ карда, барои 100 соли оянда аз ҳаққи вуруд ба Русия маҳрум кардаанд.**

Бар асоси хушдоре, ки Алиҷон Раҳмонов қабл аз ихроҷаш аз қалъаи Русия дар хати марзи фурудгоҳи шаҳри Минералние Води дар минтақаи Қафқози шимолӣ имзо кардааст ва онро ҳомии шинохтаи ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик Каримҷон Ёров нашр кард, ин муҳоҷири тоҷик аз санаи ихроҷаш, яъне 3-юми апрели соли 2023 то 3-юми апрели соли 2123 ҳақ надорад марзи Русияро убур кунад.

Каримҷон Ёров менависад, ки ин муҳоҷири тоҷикро танҳо барои он чунин ҷазо додаанд, ки санади қалбакии сабти номи харидааш, ба бахти бади ӯ, дар базаи ВКД будааст.

Каримҷон Ёров мегӯяд, ин бори аввал аст, ки як муҳоҷири тоҷикро барои 100 сол аз Русия депортатсия мекунанд ва он ҳам барои як қонуншикании маъмурӣ, ки аз нигоҳи қонунгузории ҷиноятӣ, қонуншикании чандон ҷиддие ба шумор намеравад. Ин ҳомии ҳуқуқи муҳоҷирон гуфт, дар гузашта мавридҳои барои 30, 40 ва ҳатто барои 99 сол ихроҷ шудани муҳоҷирони тоҷик аз Русияро шоҳид шуда буд, вале барои 100 сол рондани як муҳоҷирро бори аввал мешунавад.

Ба Алиҷон Раҳмонов дар фурудгоҳи Минералние Води ҳамчунин фаҳмонидаанд, ки агар то 3-юми апрели соли 2123 ба Русия баргаштанӣ шавад, бар асоси қисми дуюми моддаи 322-и Кодекси ҷиноятии Русия барои ин амалаш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Қисми дуюми моддаи 322 барои убури марзи давлатии Русия аз тарафи шахсе, ки аз ҳаққи убури марзи ин кишвар маҳрум карда шудааст, ҳамчун ҷазо ҷарима ба андозаи то 300 ҳазор рубл, ё то 4 сол корҳои ислоҳӣ ва ё 4 соли



# Ҷиноят ва ҷазо

## ТАҶОВУЗИ ДУХТАРОНИ НОБОЛИҒ АЗ СЎИ ДУ МАНСАБДОР

**Сомонаи Gazeta.uz дар як матлаби муфассал аз таҷовуз шудани духтарони ноболиғи ятим аз ҷониби мансабдорон менависад.**



Бино ба гузориши нашршуда, Юлдуз Худойбергенова, мудири ятимхонаи оилавӣ дар ноҳияи Янгиариқи вилояти Хоразм дар давоми 10 моҳ - аз моҳи майи соли 2021 то моҳи феврали соли 2022 се духтари ятими ноболиғи таҳти тарбияи худ: Азизаи 15-сола, Диляи 16-сола ва Раънои 17-соларо (ба далелҳои ахлоқӣ номҳои аслии онҳо ба номҳои мустаор тағйир дода шудааст) маҷбур намудааст дар муддати 10 моҳ пайваста бо мансабдорони маҳаллӣ, аз ҷумла бо сардори Раёсати кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи ноҳияи Янгиариқ Анвар Курязови 44-сола ва сардори шӯъбаи Вазорати адлия дар вилояти Хоразм Ойбек Машарипови 39-сола алоқаи ҷинсӣ кунанд.

Феълан аз болои ин қазияи гӯшношунид парванда боз шуда, таҳқиқ идома дорад.

## ҚОЧОҚИ 20 КИЛО АФЮН ДАР МАРЗИ ПАНҶАКЕНТ

**Мақомоти марзбонии Ӯзбекистон хабар доданд, ки якҷо бо марзбонон аз як кӯшиши қочоқи миқдори бузурги маводи мухаддир тавассути марзи Тоҷикистон бо Ӯзбекистон пешгирӣ кардаанд.**



Бино ба иттилои расмӣ, аз як сокини 26-солаи ноҳияи Ургут дар марзи ин ноҳия бо Тоҷикистон 19 килою 799 грамм маводи мухаддири навъи афюн ёфт ва мусодира кардаанд. Ноҳияи Ургути вилояти Самарқанди Ӯзбекистон бо ҷамоатҳои атрофи шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Тоҷикистон ҳаммарз мебошад.

Нисбат ба ин сокини Ургут бар асоси ду банди Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон - моддаи 246 (қочоқ) ва 273 (муомилоти ғайриқонунӣ бо маводи мухаддир) парвандаи ҷиноятӣ кушодаанд. Бар асоси ҳарду банди қонун ба ӯ ҳамчун ҷазо аз 10 то 20 соли зиндон таҳдид мекунад.

## ЗАНИ 46-СОЛА 11 НАФАРРО СПИД КАРД

**Кормандони ВКД дар шаҳри Конибодом зани 46-солаи ин шаҳрро бо гумони интиқоли ВНМО (СПИД) ба 11 нафар дастгир кардаанд. Дар ин бора РВКД дар вилояти Суғд рӯзи 28-уми март дар як барномаи телевизионӣ хабар дод.**



Нисбати ӯ бо моддаи 125-и Кодекси ҷиноятӣ парванда боз шудааст. Ин банди қонун барои дидаю дониста зери хатари сироят ба ВНМО гузоштан ва ё ба ин вирус гирифтор кардани шахсони дигар аз 2 то 10 сол зиндон пешбинӣ кардааст.

Манбаъ иттилоъ медиҳад: “Номбурда, ки гирифтори чунин беморӣ буданашро медонист, давоми соли 2021 ва соли 2022 дидаву дониста ба фоҳишагӣ машғул шуда, ҷабрдидаҳоро зери хавфи сироятёбӣ қарор додааст”.

Ҳамхобагӣ бо шахси гирифтори бемории ВНМО бе риояи қоидаҳои беҳдоштӣ заминаи асосии сироятёбӣ ба ин беморӣ аст.




**Инак ҳафтаест, ки дар моҳи мубораки Рамазон қарор дорем. Рӯза доштан дар ин моҳ дар баробари аз ҷиҳати руҳию маънавӣ манфиатнок буданаш ба саломатӣ низ фоидаовар аст: бемориҳоро шифо мебахшад. Ба шарте, ки дар хӯрдан ҳадди эътидол риоя шавад ва зиёдаравӣ накунем.**

Дар Ғарб олимони зиёде дар хусуси ба саломатӣ фоидаовар будани рӯза рисолаву китобҳо навиштаанд. Вале кам нестанд нафароне, ки “рӯза гирем, меъдаамон дард мекунад” гуфта, рӯза намегиранд ва бар ин бовараанд, ки рӯза боиси хурӯҷ кардани захми меъдаашон мегардад. Ҳол он ки, рӯзаро истироҳати меъда гуфтаанд. Меъда аз ҷумлаи аъзои ҳозима ва хеле фаъоли бадани одам аст, ки тақрибан дар ҳама ҳолат ба ҳазми хӯроки истеъмолнамудаи мо машғул аст. Пас, рӯза боис мешавад, ки аъзои ҳозима аз як сӯ истироҳат намуда, аз фарсудагӣ эмин бимонанд ва нерӯи тоза бигиранд ва аз сӯи дигар захираҳои чарбе, ки барои инсон зарари ҳалокатовар доранд, кам шаванд. Чунин сухане маъмул аст, ки “Меъдаи одамӣ хонаи бемориҳои ӯст ва парҳез аз ғизо дармони он аст”.

Соли 1975 духтури машҳур Аллан Котт дар китоби худ “Рӯза ҳамчун тарзи ҳаёт” қайд карда буд, ки “Рӯза ба меъда ва системаи марказии асаб фараҳ бахшида, гардиши моддаҳоро муътадил нигоҳ медорад. Рӯзадорӣ бехтарин даво барои беморони меъда мебошад”. Тадқиқотчиёни амрикоӣ исбот кардаанд, ки рӯза доштан боиси дарозумрӣ мегардад. Аз ҷумла олими амрикоӣ Дэвид Синклер ва ҳамкоронаш исбот карданд, ки ҳангоми рӯзадорӣ генҳои SIRT3 ва SIRT4 фаъол гашта, умри хуҷайраҳои организм дароз мешавад. Барои гузарондани тадқиқот ҳайвонҳоро давоми 48 соат дар лаборатория гурусна нигоҳ доштаанд. Гуруснагӣ хуҷайраҳои ҳайвонҳои солхӯрдаро 120% қавитар гардонидааст. Олимони дигар дар Донишгоҳи Флорида бо сардории доктор Кристиан Лювенбург исбот карданд, ки норасоии ғизои лозима ба организм сабаби ба вуҷуд омадани хуҷайраҳои нав мегардад. Ба ин васила ба ҷои хуҷайраҳои вайроншуда дар организм хуҷайраҳои нави фаъол ба кор шуруъ карда, организмро ҷавонтар мегардонад.

Тадқиқоти дигаре, ки дар бораи манфиати рӯзадорӣ гузаронида шудааст, дар беморхонаи иёлоти Массачусетси Амрико сурат гирифтааст. Олимони ин ҷо дар миёни нафарони 26 то 45-сола тадқиқот гузаронида, муайян карданд, ки ҳангоми рӯзадорӣ фаъолияти хуҷайраҳои шаҳват дар организм коҳиш меёбад.

Кардиологи исроилӣ Герман Ганделман мегӯяд, ки рӯзадорӣ дар моҳи Рамазон кори хуҷайраҳои асабро фаъол карда, фикрронӣ ва ҳифзи маълумотро беҳтар месозад.

Ахиран 3-юми октябри соли 2016 профессори Донишгоҳи технологии Токио Ёсинорӣ Осумӣ “Барои ошкор намудани механизмҳои автофагия” дар соҳаи тиб ва физиология соҳиби ҷоизаи Нобел гашт.

“Автофагия” аз ду вожаи юнонии авто - худ ва фагеин - хӯрдан, яъне “худхории хуҷайра” гирифта шудааст. Ин тадқиқот собит намуд, ки рӯза доштан ба пок кардан аз олудагиҳо, аз маводи зиёновар, протеинҳои маъюб, унсурҳои осебдидаи даруни хуҷайраҳо ва тавлиди хуҷайраҳои нав кумак мерасонад.

Аз ин ҳама маълумот метавон ба хулоса расид, ки рӯзадорӣ ҳам навъе неъмат аст барои инсон, ки барои солим мондани ӯ хизмат мекунад.

# МАНФИАТҲОИ ШАРБАТИ ЛАБЛАБУ

**Манфиати шарбати лаблабу барои организм хеле калон аст. Зеро ҳар як витамину минерал ба саломатии умумӣ таъсири мусбат мерасонад.**

Дар таркиби шарбати лаблабу чунин витаминҳои фоидаовар мавҷуданд:

Оҳан, ки дар шарбати лаблабу мавҷуд аст, барои ба эътидол овардани сатҳи гемоглобин дар бадан мусоидат мекунад.

Йод фаъолияти мағзи сарро беҳтар мекунад ва тавлиди пайвастҳои нави хотираи нейрониро ҳавасманд месозад.

Кислотаи фолий барои ба эътидол овардани интиқоли оксиген дар тамоми организм мусоидат мекунад, аз ин рӯ, мушакҳо ва бофтаҳо тамоми моддаҳои барои фаъолияташон заруриро мегиранд.

Магний пайдоиши лахтаҳои хунро пешгирӣ мекунад, пешгирии аълои тромбоз, сактаи дил ва инсултро таъмин мекунад.

Натрий ва калтсий минералҳои муҳим барои фаъолияти системаи рағҳо мебошанд, ки ба таври иловагӣ системаи устухонро мустаҳкам мекунанд.

Хлор гурда ва ҷигарро тоза мекунад, кори системаи лимфаро ба эътидол меорад.



Чунин фактро ба назар гирифтан лозим аст, ки шарбати лаблабу ҳам ба организми зан ва ҳам мард таъсири мусбат мерасонад.

# Толеънома



**Ҳамал**
*21.03 - 20.04*

*Бо сабаби сар задани мушкилоти молиявӣ нақшаҳоятон тағйир меёбанд. Рӯзи панҷшанбе қабл аз он ки ба муноқишае ҳамроҳ мешавед, нағзакак андеша намоед. Рӯзи ҷумъа ба бетоқативу дағалӣ рох надиҳед. Рӯзҳои шанбеву якшанбе ба сарфи зиёди пул рох надиҳед.*



**Савр**
*21.04 - 21.05*

*Аввали ҳафта даромади нави пулӣ дар назар аст. Бо сабабҳои ночиз хафагиро ба дил рох надиҳед, вагарна муносибататон бо шахсе, ки дӯсташ медоред, душвор мегардад. Нофаҳмиву ранҷиш рӯзҳои истироҳат рафъ мегардад. Аз ҷойҳои серодам канораҷӯй намоед.*



**Ҷавзо**
*22.05 - 21.06*

*Дар ин ҳафта ташвишу изтироби ботинӣ шуморо мушавваш сохта, боиси сар задани нофаҳмӣ бо шахси дӯстдоштаатон мегардад. Ба тиби мардумӣ ва гиёҳҳои шифобахш эътиқод доштанатон хуб аст, вале дар сурати ҷиддӣ будани бемориҳо ба табиб муроҷиат кунед.*



**Саратон**
*22.06 - 23.07*

*Аввали ҳафта вазъи молиявии худро дида бароеду хулосаи даркорӣ бароред. Мушкилиҳои молиявии сарзадаро танҳо тавассути кори иловагӣ рафъ карда метавонед. Каме заҳмат мекашед, вале натиҷааш хотиратонро шод мегардонад.*



**Асад**
*23.07 - 22.08*

*Бо вуҷуди хушиҳои ба саратон омада, душвориҳо низ сар мезананд. Истодагарӣ ва одоби ҳамида шуморо ҳатман ба кӯйи мақсуд мерасонад. Агар имкон дошта бошед, ақаллан ним соати худро барои машқи бадан ва сайругашт дар ҳавои тоза сарф намоед.*



**Сумбула**
*23.08 - 22.09*

*Аввали ҳафта фикру андешаҳои мағшушро аз сар дур созед, худро хаставу бемор нагардонед. Нисбати тамоми бемориҳои сарзада диққати хоса зоҳир намоед. Рӯзҳои шанбеву якшанбе ҳангоми ба мағозаву бозор рафтан ҳамёни худро эҳтиёт кунед.*



**Мизон**
*25.09 - 22.10*

*Дар ин ҳафта наздикон ба кумаку дастгирии шумо ниёз пайдо мекунанд, нисбати онҳо меҳрубону бодиққат бошед. Вазъи молиявӣ муътадил аст, вале барои хариди калон пулатон намерасад. Ба шахси дӯстдоштаатон барои аз вазъияти душвор баромадан кумак расонед.*



**Ақраб**
*23.10 - 22.11*

*Ҳодисаву корҳои муҳиму гуворо имкон доранд. Маслиҳату машварат бо нафароне, ки эътимодатон ба онҳо зиёд аст, шуморо ба роҳи осону дуруст раҳнамун месозад. Рӯзи чоршанбе нерӯятон чунон зиёд мегардад, ки корҳои ба таъхир мондаро бо осонӣ рафъ месозед.*



**Қавс**
*25.11 - 21.12*

*Ҳафтаи нав барои нафароне, ки дар соҳаи савдо фаъолият менамоянд, бобарор меояд. Агар рӯзи панҷшанбе дар муноқишае ширкат варзидан нахоҳед, аз нафарони руҳан носолим худро канор гиред. Ҳангоми сарф кардани маблағи калон бо наздикон маслиҳат кунед.*




**Ҷаддӣ**
*22.12 - 20.11*

*Дар ин ҳафта дурандешӣ шуморо ба кӯйи мурод расонида, маблағи хуб ба даст оварда метавонед. Рӯзи сешанбе шитобкорӣ барор меорад. Чоршанбе рӯзи вазнин ва бебарор аст, аз ин рӯ, ба кори муҳиме даст назанед.*



**Далв**
*21.01 - 19.02*

*Дар ин ҳафта бо корҳои зиёди ғайринақшавӣ машғул шуданатон лозим меояд. Хабаре, ки миёнаи ҳафта мешунавед, шуморо ба иштибоҳ оварда метавонад, аз ин рӯ, қабл аз амал намудан нағзакак андеша намоед. Барои харид кардан ҳафтаи бобарор аст.*



**Ҳут**
*20.02 - 20.03*

*Тамоми фикру хаёлатонро ба саломатӣ ва бемориҳои сироятӣ равона месозед. Аз ғояти фикри зиёд асабҳоятон хароб мегардад. Мушкилиҳои сарзадаи молиявиро охири ҳафта рафъ карда метавонед. Дар интихоби бахт ба садои қалб гӯш андозед.*

# АЗ ЕФРЕЙТОРӢ ТО ГЕНЕРАЛӢ

## Ёде аз генерал-майор Саидамир Розиқов



**Мавридҳое буданд, ки боевиҳо ба утоқи кории раис даромада, қасди ҷонаш мекарданд. Мехостанд, ки молу мулки мардум ва хоҷагиҳоро зӯран бигиранд, аммо раиси ҷавон Саидамир Розиқов, ки хело далеру нотарс буд, тавонист мардумро ҷамъ карда, ин гуна гурӯҳҳои ғайриқонуниро пароканда намояд.**

Саидамир Розиқовро дар замони нооромиҳо раиси ноҳияи Бохтар (ҳоло Кӯшониён) таъйин карданд. Солҳои 90-ум ин минтақа яке аз марказҳои даргирӣ ба шумор мерафт. Ӯ, ки баъди хатми риштаи иқтисоди Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Шӯравӣ дар Афғонистон хизмат карда буд, ҳолати ҷангиро медонист. Ҳамин аст, ки ӯ дар он солҳои вазнин ҳамеша бо мардум буд, сари кӯдакони ятиму оилаҳои бепарастории сила мекард ва бо боварӣ ваъда медод, ки хонаҳои валангоршудаи онҳо бо кумаки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кӯтоҳтарин барқарор хоҳад шуд.

Чунин ҳам шуд. Қисми зиёди аҳолии ноҳияи Кӯшониён, ки ба Афғонистон фирорӣ шуда буданд, ба манзилҳои навбунёди худ баргаштанд. Бо кӯшишҳои раиси ҷавон С. Розиқов заминҳои аз кишт бозмонда барқарор шуда, мардум аз вартаи гуруснагӣ ва камбизоатӣ бароварда шуданд. Бо талоши мардум симои ноҳия ба зудӣ дигаргун гашт: беморхона, бунгоҳҳои тиббӣ ва мактабу боғҳои бачагона ба фаъолият оғоз намуданд.

Фаъолияти кордонӣ ва ташкилотчигии С. Розиқовро ба инобат гирифта, ӯро ба вазифаи роҳбари дастгоҳи раиси вилояти Хатлон таъйин намуданд ва ӯ дар ин вазифа то соли 1998 фаъолият дошт.

С. Розиқовро аз соли 1999 сар карда ба хизмати низомӣ даъват мекунанд. Ӯ дар Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сардори Раёсати корҳои тарбиявӣ сар карда, то ба вазифаи муовини вазир фаъолият намуда, соҳиби рутбаи баланди ҳарбӣ - генерал-майори ин сохтори бонуфуз мегардад. Солҳое, ки С. Розиқов дар ин вазифаи баланд фаъолият менамуд, Артиши миллии Тоҷикистон зина ба зина рушд кард.

С. Розиқов зуд-зуд ба қисмҳои ҳарбӣ сафари хизматӣ намуда, аз ҳолу аҳволи наваскарон, шароити зиндагии ҳомиёни Ватан шахсан огоҳӣ меёфт, бо онҳо рӯ ба рӯ суҳбатҳои самимӣ меорост. Ӯ таъкид мекард, ки вазифаи муқаддаси онҳо ҳимояи Ватан аст, хизмат дар сафи Қувваҳои муссалаҳ - ин қарзи ҷавонмардии онҳост!

Фарзанди шодравон Саидамир Розиқов - Сафархуҷа Розиқов, ки айни ҳол хизматчии давлатӣ аст, хизматҳои неки падари бузургворашро ба хотир оварда, мегӯяд: “Вақте ки бародарам Муродбек дар хизмати ҳарбӣ буд, падарам ба аёдташ рафта, аввал аз командири қисми ҳарбӣ иҷозат гирифта, бо ӯ ҳамагӣ 10 дақиқа ҳамсуҳбат мешавад. Гарчанде ӯ рутбаи генералӣ дошт, аммо Оинномаи низомиро пос медошт”.

С. Розиқов то лаҳзаҳои вопасини умр дар хизмати ватан буд.

Номи неки чорумин генерали артиши миллии Тоҷикистон, дорандаи даҳҳо ордену медал ва ифтихорномаву сипосномаҳо Саидамир Розиқов, ки соли 2021 аз олам даргузашт, абадӣ дар қалби фарзандон, пайвандон, ҳамяроқон ва дӯстонаш боқист.

*Зиндаю ҷовид монд ҳар кӣ*
*накуном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда*
*кунад номро.*

**Музаффар МУРОДОВ,**
**бойгонишиноси дастгоҳи раиси вилояти Хатлон**

# ҲУҶРАИ ТОҶИКИИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР МАСКАВ

**5 нафар писарони бобои Гулмурод ҳамаашон касби ҳазрати Довуд - оҳангариро пеша намуданд. Аз миёни инҳо бародари калонӣ Қаҳҳору кенҷагӣ Қурбоналӣ чирадаст баромаданд. Ин ду бародари оҳангар аз ноҳияи Ховалинг нахустин касонеанд, ки ба суҳбату дидори академик Бобоҷон Ғафуров мушарраф гардидаанд.**

Амаки Қурбоналӣ нақл мекунад:

Айёми кӯдакиву наврасии Мирзоалӣ Вайсов дар ҳавлии мо гузашт. Чун акаю додар будем. Айёми донишҷӯӣ ва баъдан кориаш доим аз хонаводаи мо хабар мегирифт. Бо гузашти айём ӯ вазири молияи Тоҷикистон шуд. Намакдонро пос медошт ва ҳар гоҳ ки сӯи минтақаи Кӯлоб сафар мекард, ҳатман ба Ховалинг - хонаамон меомад. Бо бародарам Қаҳҳор риштаи мустаҳками дӯстӣ дошт.

Рӯзе акаам, ки аллакай шахси бадавлат шуда буд, омада гуфт, ки тайёр шав, ба Маскав, Мирзоалӣ Вайсовро хабаргирӣ меравем. Аз шодию ҳаячон дар куртаам намеғунҷидам. Ду рӯз кулчаю нонҳои чапотӣ, чормағзу бодом, харбуза, анору асал ва ғайраро савғотӣ гирифта, ба роҳ баромадем. Ин нахустин сафари ман ба пойтахти мамлакат буд. Ҳеҷ гумон надоштам, ки ин сафарам пур аз воқеаю рӯйдодҳо хоҳад шуд. Бори аввал ба самолёту метро савор шудам, аз Мавзолейи Ленину Майдони Сурх, мағозаи машҳури шишагини ГУМ, дарёи бузурги Маскав дидан кардам. Ва аз ҳама муҳим ба суҳбати аллома Бобоҷон Ғафуров мушарраф гардидам.

Шабро дар меҳмонхонаи «Тоҷикистон» рӯз карда, саҳар роҳи беморхонаи ҳукуматиро пеш гирифтем. То ба он ҷо расидем, ки соат аз 11 ҳам гузашт. Ба палатаи Мирзоалӣ Вайсов даромадем, ки бо сардухтури беморхона ва як марди танумманди чашму абрӯсиёҳ менишаст. Аз ҷояшон хеста, бо мо боодобона салому алайк карданд. Акаи Мирзоалӣ моро ба онҳо шинос кард. Он марди чашму абрӯсиёҳ Бобоҷон Ғафуров буданд. Қариб 1 соат бо онҳо нишастем. Б. Ғафуров ба акаам як коғази дар он бо ҳарфҳои дастгоҳи мошинкагӣ навиштаҷоти хурдеро дароз кард ва гуфт, ки пагоҳ саҳар ба Институти шарқшиносии СССР оед. Он ҷо суҳбат мекунем ва бо мою бемор хайрухуш намуда рафт.

Пагоҳ савғотӣ гирифтему назди бинои муҳташам рафтем. Дар пештоқаш «Институт востоковедения АН СССР» навишта шуда буд. Коғази додаи ӯро акаам ба милитсионер нишон доду онҳо моро то қабулгоҳи Б. Ғафуров ҳамроҳӣ карданд.

Утоқи кориаш калону пур аз ҷевонҳои китоб буд. Ман суҳбатшунав будаму акаам бо академик суҳбатоҳро. Олими барҷаста аз таърихи Ховалинг ҷӯё шуд ва акаам, ки донандаи хуби таърих буд, чизҳои медонистагиашро ба ӯ нақл кард. Пас аз суҳбати дарозу холӣ шудани ду-се чойник чой Б. Ғафуров моро ба сӯи даре, ки дар қафои мизи кориаш буд, муроот кард. Он ҷо хонаи аз утоқи кориаш хурдтар, вале бо тамоми расму русуми тоҷикӣ ороядодашударо дидем. Кӯрпачаҳои нақшин фаршрову сӯзаниҳо деворро оро медоданд. Олим шарҳ доданд, ки сӯзаниаш аз Хуҷанду чаканаш туҳфаи М. Вайсов аз Кӯлоб.

Лаҳзае он ҷо суҳбат оростему баъд бо Б. Ғафуров хайрухуш кардем.

**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**рӯзноманигор**

## Мавлудномa

**• 6 АПРЕЛ •**

**Ҳикматулло Раҳматов** (1958), 65-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

**Вадим Солеҳбоев** (1938-1996), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи психология.

**• 7 АПРЕЛ •**

**Музаффар Муҳаммадҷонов** (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Николай Павленко** (1928), 95-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 8 АПРЕЛ •**

**Анатолий Заневский** (1938), 85-солагии зодрӯзи рассом-дизайнер, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Сайфиддин Эшмамадов** (1943-2014), 80-солагии зодрӯзи актёри театр.

**• 9 АПРЕЛ •**

**Ватан Абдураҳмонов** (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

**Гулнора Аҳмадова** (1958), 65-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи педагогика.

**Боғшо Лашкарбеков** (1948-2015), 75-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Каримбой Маҳкамов** (1903-1987), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Рафиқа Мӯсоева** (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, арбобзани давлатӣ.

**• 10 АПРЕЛ •**

**Неъматҷон Дӯстматов** (1938), 85-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Қаршибой Исмонқулов** (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Сайфиддин Исроилов** (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Карим Қосимов** (1938), 85-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Маргарита Қосимова** (1938), 85-солагии зодрӯзи коргардони кино, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Назира Ортиқова** (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Саид Пиров** (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Раҳимҷон Раҳматов** (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Солеҳамо Раҳматуллоева** (1953-2001), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Сайриддин Сайриддинов** (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Тӯғон Таҳуров** (1943), 80-солагии зодрӯзи муаррих.

**Ғайбулло Тоҷибоев** (1933), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Далер Тоҷиев** (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Саид Хоҷаев** (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Зикрулло Ҳакимов** (1968), 55-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 11 АПРЕЛ •**

**Шоҳаҳмад Мирзоаҳмадов** (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми байторӣ, профессор.

**Норқул Рабиев** (1958), 65-солагии зодрӯзи журналист.

**Шавқӣ (Раҳим Қобил**, 1903-1989), 120-солагии зодрӯзи шоир, мутарҷим.

**• 12 АПРЕЛ •**

**Дмитрий Кратов** (1903-1988), 120-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**Амон Насриддинов** (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Раҳматулло Олимов** (1953-2009), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар



ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

► Ҳавлӣ, 4 дар хона, 13,5 сот., пос. Ҷангалак. Тел. 91-992-53-35, 917-18-04-40

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0025308 ба номи Паренова Фазила Мамадраимовна, ки соли таҳсили 2004-2005 аз ҷониби МТМУ №33-и ноҳияи Сино дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Раҳимҷонова Моҳира Салимҷоновна, РЯМ: 1230170526, РМА: 055348363, 29.08.2017 дар равзана, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо реестри №6Д-2965 ба номи Қурбонов Бухори Абдураҳимович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ, б 24 ҳ. 18, ки санаи 26-уми ноябри соли 2001 аз ҷониби нотариуси давлатии ноҳияи марказии Идораи нотариалии давлатӣ ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Саидов Муҳаммадрасул Исмонкулович, РЯМ: 0330173397, РМА: 205064093, ки санаи 4-уми апрели 2012 аз ҷониби нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад ва фаъолияташро қатъ менамояд.

► Дипломи ДМБ №0187648, рақами қайд 31477 ба номи Хусрави Муродалӣ, ки соли 2021 аз ҷониби Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0265215 ба номи Усманов Фаррух Алишерович, соли таҳсил 2015-2016, ки аз ҷониби МТМУ №21-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста навад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ А01257856 ба номи Ҳусейнзода Азиза Ҳакимбек, ки санаи 08.02.2018 аз ҷониби ШВКД дар шаҳри Панҷакент дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0824960 ба номи Тоҳирҷони Икромуддин, соли 2019-2020, ки аз ҷониби МТМУ №15-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ульфатов Қурбоналӣ Сафаралиевич, РЯМ: 3330070013, РМА: 335119729, ки аз ҷониби нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ульфатов Имомалӣ Сафаралиевич, РЯМ: 3330081545, РМА: 335349605, ки аз ҷониби нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Намазов Саидмурат Улукбердиевич, РЯМ: 3330049580, РМА: 335010940, ки аз ҷониби нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Мусоева Ибодат Азизовна, РЯМ: 3330033365, РМА: 335258617, ки аз ҷониби нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Абдулхаев Аҳмадҷон Набиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Нурафзо (собиқ Глинкина), гузаргоҳи 1, хонаи 32, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ва шартномаи хариду фурӯши 1/2 қисми хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №7Ш-284 ба номи Ҳамдамов Салим Салиевич, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷ. Куштеппа, уч. 1-Май, ки санаи 19-уми марти соли 2007 аз ҷониби нотариуси калони давлатии ноҳияи марказии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №5604, ба номи Убайдов Мелик, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Мавлавӣ (собиқ Янги-Қурғон), б 49, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0171596, рақами қайд №1420 аз санаи 15.06.2021 ба номи Асатуллоев Ҳикматулло Шавкатҷонович, ки аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи №0789181 аз санаи 5-уми октябри соли 2013, рақами қайд №8234 ва шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ ба номи Комилова Дилафруз Шарифовна, бо суроғаи н. Варзоб, ҷамоати Варзоб-Қалъа, деҳаи Ҳушёрӣ бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1ш-110 ба номи Комилова Дилафруз Шарифовна, бо суроғаи н. Варзоб, ҷамоати Варзоб-Қалъа, деҳаи Ҳушёрӣ, ки санаи 22-юми майи соли 2013 аз ҷониби нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Варзоб ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси Ашуров Улугбек, РЯМ: 0730217208, РМА: 165760334, ки санаи 04.10.2021 аз ҷониби Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира ба номи шаҳрванд Хафизов Мансур Каримбердиевич, ки дар идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсӣ, ш. Душанбе аз 18.10.2013 таҳти феҳрасти 1.Ш 2629 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳри гумшудаи хазинадор Зайниддинов Ш. Ш., ки ба филиали ҶСП "Халик Бонк Тоҷикистон" тааллуқ дорад, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ба номи Аверина Людмила Петровна, ш. Душанбе, н. Сино, к. Мушфиқӣ 51/2, ҳ. 4, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1439969 ба номи Алиев Суннатулло Киромиддинович, ки санаи 2-юми июли соли 2022 аз ҷониби МТМУ №72-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №160 ба номи Аминзода Абубакр Маҳмадуло, агенти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Касимов Акмалҷон Ҳакимҷонович, РЯМ: 0730144058, РМА: 076315054, ки санаи 29.12.2016 аз ҷониби нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотӣ ба номи Сайфуллоев Анвар Маҳмадсаидович, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 6Д-210, ки санаи 09.11.1997 аз ҷониби идораи нотариалии давлатии ноҳияи Кофарниҳон ба номи Шокаримов Мирали Наджотович бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Дусматов, хонаи 14, квартираи 15 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ба номи шаҳрванд Халилов Олим Эргашевич, ки дар идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе аз 14.09.2010 таҳти феҳрасти 7.М 328 тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи литери 1А.-1/л ва қисми литери 2А-1/хп хонаи истиқоматӣ, ба номи шаҳрванд Тиллоев Алишер Кобилович, ки дар идораи нотариалии давлатии н. Варзоб аз 19.12.2017 таҳти феҳрасти 1.Ш.157 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши квартира ба номи Нуров Нозимҷон Назарович бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Шоҳтемур 42, кв. 48, бо сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

**ҲАФТАНОМАИ "ТОҶИКИСТОН" САҲИФАБАНДИ КАСБИРО БА КОР ДАЪВАТ МЕКУНАД. ТАЛАБОТ:**

-малакаи хуби кор бо барномаҳои компютерӣ;
-масъулиятшинос дар фаъолият;
-муошират хуб бо кормандон;
Бартариятҳои дигар ба назар гирифта мешаванд.
Резюмеи худро ба tojikiston@pressa.tj фиристед.

**Телефон:933507020**

**Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид**
**United Nations Development Programme**

Программа Развития Организации Объединенных Наций (ПРООН) ведет свою деятельность в Таджикистане с 1994 года и представляет собой широкий спектр деятельности, в том числе по сокращению бедности, демократическому управлению, предупреждению кризиса, энергетики и окружающей среде, и снижению бремени ВИЧ/СПИД, ТБ и Малярии.

ПРООН в Таджикистане объявляет следующие вакансии для местных консультантов:

**UNDP-TJK-00084 - Local consultant on implementation of OVOP initiatives in Khatlon region; Duty Station: Bokhtar with travel to target districts; Deadline for applications: 20 April 2023, 17:00.**

Для получения информации и документации по вышеуказанным объявлениям, пожалуйста, посетите наш веб-сайт https://www.undp.org/tajikistan, раздел **Procurement**. В случае возникновения вопросов, касающихся объявления, пожалуйста пишите по указанному адресу электронной почты.

**Контактные данные:** Адрес: 734024, г. Душанбе, Таджикистан, ул. Айни 39
Тел: +992 (44) 6005596, 6005600; Эл.почта: ic.tj@undp.org

## Судоку


| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 9 | | |
| | 8 | 6 | | 7 | | | | 4 |
| 3 | | | 1 | | | | 2 | |
| | 4 | | | | 1 | | | 7 |
| 5 | | | 2 | | | | 3 | |
| | | | | 4 | 8 | | | |
| | | | | 6 | 7 | 1 | | |
| 7 | | | | 5 | | 3 | 6 | |
| | | | 9 | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | | 1 | | | 6 | | | |
| | | | | 9 | | 1 | 4 | 3 |
| | | 2 | | | | | | 7 |
| | | | 5 | | | 4 | | 1 |
| | | 9 | 8 | | 3 | | 5 | |
| 7 | 5 | | | | 2 | | | |
| 4 | | 6 | | 8 | | 2 | 1 | |
| 2 | | | | | | 8 | | |
| | | 3 | | | | | | 9 |

## 10 фарқиятро ёбед



## Лабиринт



## Сканворд

Беқарор, музтариб
Пешмузд
Мӯи пилки чашм
"Ҳамроҳак"-и статор
… Алибасов (овозхон)
Мададгорӣ, дастгирӣ, ёрӣ.
Достони Гомер
Такрор шудани аломатҳо
Ҷаҳон, дунё, гетӣ
Вахтанг …, ҳунарманд
Довталаби мактаби олӣ
Маъбади бутпарастон
Ҳайкунандаи оҳувон
Миллати Т. Шевченко
Сахӣ, карим, кушодаст
Кӯл, ҳавз, обгир
Иёлат дар ИМА
Хоҳиш, илтимос
Кирми рӯда
Ихтилофи ақидаҳо.
… Гурдская (овозхон)
Пӯсти ҳайвон.
Операи Ҷ. Верди
Пойтахти Афина
Ширеш
Хоҳиш, орзу, умед
Органи қонунбарор дар ИМА
… Мартин (овозхон)
Қатра
Иттиҳоди инқилоб
Боди форам
Аламнок, пуразоб
Тараф, ҷониб, сӯй
Асбоби мусиқии клавишдор
Дурушт, дағал
Оҳиста (лаҳҷ.)
Ҳамном
Дар китфи бонувон овезон
Қарор, паймон, аҳд.
Сози халқӣ
Бор.
Дарё дар Украина.
Пайрави дини Зардушт
Бар, оғӯш, бағал.



### Ҳайвонҳои хонагӣ

Омӯзгор ба талаба:

- Шарипов, канӣ хез аз ҷоят!

- Лаббай, муаллим.

Омӯзгор:

- Шаш намуди ҳайвоноти хонагиро номбар кун!

Талаба:

- 4 гов ва 2 гӯсфанд.

### Имтиҳон

Пеш аз имтиҳон падар ба писараш мегӯяд:

- Агар имсол ҳам аз имтиҳонҳо нагузарӣ, маро "падарам" нагӯ!

Баъди имтиҳонҳо падар бо дидани писараш:

- Ҳа... бачам, имтиҳонҳо чӣ шуд?

Писар дар ҷавоб:

- Мебахшед, шумо кӣ? Нашинохта истодаам.

### Пули халқ

Нозири андоз аз раиси корхонае мепурсад:

- Шумо қасри боҳашаммат, панҷ мошини "Мерседес" ва шаш хонаро дар маркази шаҳр бо пули худатон харидед?

Раис дар ҷавоб:

- Боз бо пули кӣ ҳам мехаридам?



Нозири андоз мегӯяд:

- Ба фикрам, тамоми дороии шумо бо пули халқ аст!

Раис мегӯяд:

- Шумо чиҳо мегӯед?! Халқ аз куҷо ин қадар пул дорад?

### Тӯтии гумгашта

Мардеро тӯтияш гум шуд. Шитофт то пулис.

- Тӯтии ман гум шуд,- гуфт мард.

Корманди пулис дар ҷавоб:

- Пас, мо чӣ кор кунем?

Мард:

- На, на! Ҳеҷ коре накунед! Агар тӯтиям пайдо шуд, донед, ки дашномҳояш андешаи шахсии ӯянд.

### Паёмак

Ҷавоне ба духтари писандидааш паёмак менависад:

- Кай туро дида метавонам, ки ҳамроҳ сайругашт кунем?

Духтар дар ҷавоб мегӯяд:

- Ман дӯстдошта дорам.

Ҷавон менависад:

- Ту чунон зебой, ки сазовори ду дӯстдошта ҳастӣ...

### Гӯшвора

Роҳбари корхона диққат медиҳад, ки як корманди хушсурату фаъолаш, ки марди хеле оромтабиат аст, вақтҳои охир дар гӯшаш ҳалқа пӯшида мегардад. Боре ҷуръат карда, аз ӯ мепурсад:

- Давлатов, тинчӣ аст? Наход шумо ҳам мисли ҷавонҳои имрӯза шуда бошед?

Давлатов дар ҷавоб:

- Диққат надиҳед, баъзан мешавад, устод.

Роҳбар:


- Аз кай боз хоҳиши гӯшвор пӯшиданро пайдо кардед?

Давлатов:

- Аз вақте ки занам ин гӯшвори лаънатиро аз ҷойгаҳамон пайдо намуд.

**Таҳияи**
**Нодира РАҶАБОВА**

## Сканворд






### Бе бинӣ ҳам мешавад!

*(Аз нақли корманди комиссариати ҳарбӣ)*

Чанд нафар аз ҷавононро боздошт карда, ба комиссариати ҳарбӣ овардем. Дар комиссариат як нафар аз ҷавонон аз саломатиаш шикоят карда, гуфт:

- Муҳтарам сардор! Ман бо биниам нафас кашида наметавонам, зеро биниам шикастагӣ аст. Ба ман духтурон гуфтанд, ки маро ба хизмат намебаранд.

Ба духтури комиссариат мурочиат карда, бо шӯхӣ гуфтам:

- Доктор, рост аст, ки бинишикастаҳоро ба хизмат намегиранд?

Доктор гуфт:

- Ба қисми сохтмонӣ мефиристем. Онҷо бе бинӣ ҳам мегиранд.

### Намози ҷумъа чанд ракаъат?

Дар рӯзи ҷумъа бо рафиқе дар назди масҷид вохӯрдам, ки асло намоз хонданашро надида будам. Ин аст, ки муборак карда, гуфтам:

- Сипос ба худое, ки ба ту тавфиқ додааст.

Гуфт:

- Раҳмат, раҳмат. Ана, мо ҳам ба қатори намозхонҳо шомил шудем.

- Намози ҷумъа чанд ракаъат аст? Аниқ ҳамаашро хондӣ?,- пурсидам аз ӯ.

Гуфт:

- Намози ҷумъа ракаъат ҳам дорад?

### Ман дар хонаам

Занак занг зада, пурсид:

- Мардак, дар куҷоед?

- Дар хона.

- Дар хона нестед ку!

- Бахудо дар хонаам.

- Қасами дурӯғ нахӯред. Ман ҳозир омадам, шумо дар хона нестед.

- Ман дар хона гуфтам, занак, вале нагуфтам, ки дар хонаи худамонам. Ман дар хонаи дӯстонам ва ин дурӯғ нест. Агар дар кӯчаам мегуфтам, дурӯғ мешуд.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**